**САНГИНОВ Д.Ш. МУМИНОВ Н.И.**

**Ба истиқболи 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 35 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида мешавад**

# ҲУҚУҚИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ- МЕТОДӢ

Бо қарори Шӯрои илмию методии ДМТ ба сифати васоити таълимӣ-методӣ ба чоп тавсия шудааст

**Душанбе – 2016**

**УДК:**
**ББК:**
**С–18**

**Сангинов Д.Ш., Муминов Н.И.** Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон**:** Васоити таълимӣ - методӣ. Душанбе.: «Андалеб-Р», 2016. 120с.

**Муаллифон:**

**Сангинов Дониёр Шомаҳмадович** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

**Муминов Нозим Исматович** – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Муқarrизон:**

**Мирзоев П.З.** - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Мирбобоева Р.В. -** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Қурбонов Қ.Б. -** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Мусаҳеҳ:** Ховар Диловарпур

Васоити таълимӣ - методӣ бо забони давлатӣ омода шуда, дар асоси барномаи корӣ (силлабус) аз фанни ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ барои донишҷӯёни курси панҷуми шӯъбаи рӯзонаи ихтиссоси 24010302 - Танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми масъалаҳои ин фанни таълимиро муфассал ва пайи ҳам дар худ таҷассум намудааст.

Воситаи таълимӣ - методӣ барои донишҷӯён, магистрон, аспирантҳо, омӯзгорони факултет ва мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ҳамчунин барои тамоми ашхосе, ки зимни иҷрои фаъолияташон қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ҳисоббаробаркуниро мавриди истифода қарор медиҳанд, пешбинӣ шудааст.

**ISBN**

**©Сангинов Д.Ш., Муминов Н.И., 2016.**

## МУНДАРИЧА

**САРСУХАН ……….……………………………………………………..**

**СИЛЛАБУС аз фанни Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барномаи таълимии таҷрибавӣ барои донишҷӯёни курси 5- уми ихтиссоси «Танзими ҳуқуқии молия ва қарз») ……………………………...……………..**

**МАТНИ ЛЕКСИЯ аз фанни Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ………………………………………………………………...**

**САВОЛНОМАҲОИ ТЕСТӢ аз фанни Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон …………………………………………………

## САРСУХАН

Низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбарнамоии донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дигар, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон ва татбиқи эъломияи Болония амалӣ карда мешавад. Низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомнома оид ба ташкили ҷараёни таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот аз 30 августи соли 2008, №15/3 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Муассисаи таҳсилоти олӣ барои бо маводи методӣ пурра таъмин намудани ҷараёни таълим ҷавобгӯ аст. Барои ҳар як ихтисос дар факулта бояд маводҳои методии зерин омода карда шаванд:

– барномаҳои намунавии таълим аз тамоми фанҳои омӯхташаванда (мувофиқи нақшаи кории таълим);

– барномаҳои кории мушаххаси фан (SYLLABUS);

– мавод барои кори синфӣ (аудиторӣ) аз ҳар як фанни омӯхташаванда: матни лексияҳо, нақшаҳои дарсҳои семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ;

– басти аёниятҳо ва маводҳои ёрирасон (маводҳои тақсимшаванда) барои гузаронидани дарсҳои аудиторӣ;

– мавод барои кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод: басти матни вазифаҳои хонагӣ, саволҳо ва тестҳо, намунаи рефератҳо, корҳои курсӣ ва дипломӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар намуди чопӣ ва электронӣ;

– мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ: нақша ва барномаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва ғайра.

Ҷиҳати иҷроиши вазифаҳои мазкур барои пурра фароҳам овардани маводҳои таълимӣ ба донишҷӯёни ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз (24010302) васоити таълимӣ-методии мазкур омода карда шудааст.

Мутахассис аз рӯи ихтисоси «Танзими ҳуқуқи молия ва қарз» ба кори касбӣ дар мақомоти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташклотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, бунёдҳои сармоягузорӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатии дигари самти иқтисодӣ, хадамоти иқтисодии корхонаҳо ва ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият, дар вазифаҳои, ки доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ зарур мебошад, сафарбар мегардад. Ихтисоси «Танзими ҳуқуқии молия ва қарз» дониши мукаммал дар соҳаҳои мазкур пешниҳод менамоя: танзими ҳуқуқии молияи давлатӣ ва маҳалӣ, фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ, муомилоти пулӣ (асъор), идоракунии менеҷмент, бозори қоғазҳои қимматнок, андоз ва андозбандӣ. Фаъолияти мутахассиси танзими ҳуқуқи молия ва қарз

барои аз нигоҳи ҳуқуқи ҳал намудани масоли иқтисодӣ равона гардидааст.

Объекти фаъолияти касбии хатмкунандагон:

– муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ва қарздиҳӣ;

– муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодӣ байниТоҷикистон ва мақомоти давлатҳои хориҷа, ташкилотҳои байналхалқӣ ва шахсони ҷисмонии хориҷию дохилӣ;

– тамоми ҳодиса ва ҳаракатҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ба муносибатҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ вобастагӣ доранд.

Фаъолияти касбии хатмкунандагон бо иҷроиши чунин корҳо алоқаманд аст:

– фаъолияти касбӣ дар Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатӣ, ки фаъолияташаон ба муносибатҳои молиявию қарздиҳӣ вобаста мебошад.

– фаъолияти касбӣ дар корхона, муассиса ва ташкилотҳо навобаста ба шакли моликияташон;

– фаъолияти машваратӣ ва экспертӣ дар ҷодаи татбиқ ва қабули санадҳои соҳаи иқтисодӣ.

– фаъолияти омӯзгорӣ ва тадқиқоти илмӣ дар ҷодаи ҳуқуқи молия, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ба иқтисодиёт алоқаманд.

Дар васоити таълимӣ - методии мазкур барои донишҷӯёни курси 5-и ихтисоси Танзими ҳуқуқуқии молия ва қарз силлабус, матни лексия ва саволномаи тестӣ аз фанни ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ ҷой дода шудааст, ки барои аз худ намудани ин фан осон ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ
КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ

*БАРНОМАИ КОРӢ (СИЛЛАБУС)*
*АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ПАНҶУМИ ШӮЪБАИ РӮЗОНАИ ИХТИСОСИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ*

Фанни таълимӣ: Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ихтисос: 24030102 – Танзими ҳуқуқии молия ва қарз
Ҳаҷми умумии кредитҳо ва соатҳои таълимии донишҷӯ - 4 кредит (64 соат), аз ҷумла,
Лексия – 32 соат
Машғулияти амалӣ – 16 соат
КМД - 16 соат
Курс - 5

Душанбе – 2016

Барномаи корӣ (силлабус) дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии ҶумҳурииТоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, барои донишҷӯёни ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз тартиб дода шудааст.

Барномаи корӣ (силлабус) аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. тартиб дода шудааст.

Барномаи корӣ (силлабус) дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат санаи 29.08.2016, суратмаҷлиси №01 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Мудири кафедра Сангинов Д.Ш.

Бо қарори Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 31.08.2016, суратмаҷлиси №01 тасдиқ шудааст.

Раиси Шӯрои илмию методии факултет Қурбонов Қ.Б.

**Маълумот дар бораи омӯзгори фанни таълимӣ:**

**Сангинов Д.Ш.** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

**Маълумот барои алоқа**: *ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, «Шаҳраки донишҷӯён», утоқи №506.*

## I.ҶАДВАЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ДАРСӢ:

| Ному насаби омӯзгорон | Машғулиятҳои Аудитории: | | КМРО | Суроғаи омӯзгор |
|---|---|---|---|---|
| | лексионӣ | амалӣ | | |
| Сангинов Д.Ш. | Душанбе соати 07:30-09:20 Бинои таълимии №12, синфхонаи №515. | Душанбе соати 08:30-09:20 Бинои таълимии №12, синфхонаи №515. | | ДМТ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Бинои таълимии № 12 синфхонаи №506. |

## II. ШАРҲИ МАВҚЕИ ФАН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Фанни таълимии ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ барои донишҷӯёни курси 5-уми ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз зарурӣ буда, дар ташаккулёбӣ, маҳорат ва малаки худфаъолиятии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси ихтисоси баланд мавқеи хос дошта, яке аз фанҳои ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Фанни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии бахши ҳисоббаробаркуниро байни шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат меомӯзад.

## III. МАҚСАДИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

- баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён;
- сайқал додани донишҳои назариявии донишҷӯён дар масоили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи омӯхтани қонунҳои амалкунандаи кишвар дар ин бахш;
- бо тариқи муқоиса омӯхтани ҷанбаҳои алоҳидаи ҳисоббаробаркунии кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ;
- такмил додани донишхои назариявии донишчуён марбут ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар доираи ҳисоббаробаркунӣ омӯхта мешавад.

## IV.ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

• шарҳи мазмуни мафҳумҳои асосии ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ, моҳият ва аҳамияти он;
• кушода додани мафҳумҳои асосии фан;
• пешкаш намудани маълумот дар бораи шарҳи моҳияти амалӣ гардидани ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ;
• мусоидат намудан ба ташаккулёбии маҳорату малакаи донишҷӯ дар бораи тарзҳои аз худ намудани малакаҳои касбӣ;

• ташаккули фаҳмиши донишҷӯ роҷеъ ба алоқамандии фанни ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ бо дигар фанҳои ҳуқуқӣ.

## V. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

***Дар баробари аз худ намудани фанни таълимӣ донишҷӯ бояд:***

- мазмуни мафҳумҳои асосии фанни ҳуқуқи ҳисоббаробаркуниро аз худ карда бошад:
- иҷрои корҳои мустақилона аз рӯи адабиётҳои асосӣва иловагӣ;
- дастраси маълумотҳо оиди ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ;

***Дар асоси аз худ намудани фанни таълимӣ донишҷӯ бояд:***

- мазмуни мафҳумҳои асосии фаннро шарҳ дода тавонад:
- асосҳои мавҷудияти шаклҳои гуногун, дараҷаҳои ташаккулёбӣ ва меъёрҳои асосии ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ, низоми ҳисоббаробаркунӣ ва методҳои омӯзиши онро муайян карда тавонад;

**Пререквизитҳо** (алоқамандаии фанни таълимӣ бо фанҳои аз ҷониби донишҷӯ азхудкардашуда): фанҳои дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумии миёна азхудкардаи донишҷӯ: асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон;

**Постреквизитҳо:** (алоқамандии фанни таълимӣ бо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии фанни ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ ва пас аз худ намудани он дар давоми таҳсил аз худ менамояд): ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ ғайра.

## VI. МАЗМУНИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАННӢ

| Ҳафтаҳо | № тартибӣ | Мундариҷаи мавзӯъҳои машғулиятҳои Аудиторӣ Лексионӣ | Амалӣ | КМРО | Миқдори соатҳо | Санаи иҷро | Ҳолҳои имконпазир | Адабиёт | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 1 | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 2 | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 3 | | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ | | 1 | | | 1-5 | |
| | 4 | | | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ | 1 | | | 1-5 | |
| II | 5 | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 6 | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 7 | | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ | | 1 | | | 1-5 | |
| | 8 | | | Мафҳум ва предмети ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ | 1 | | | 1-5 | |
| III | 9 | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 10 | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробар кунӣ | | | 1 | | | 1-5 | |
| | 11 | | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | | 1 | | | 1-5 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 12 | | | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | **1** | | | 1-5 | |
| IV | 13 | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 14 | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 15 | | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 16 | | | Моҳияти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ | **1** | | | 1-5 | |
| V | 17 | Хизматрасонии бонкӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 18 | Хизматрасонии бонкӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 19 | | Хизматрасонии бонкӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 20 | | | Хизматрасонии бонкӣ | **1** | | | 1-5 | |
| VI | 21 | Хизматрасонии бонкӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 22 | Хизматрасонии бонкӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 23 | | Хизматрасонии бонкӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 24 | | | Хизматрасонии бонкӣ | **1** | | | 1-5 | |
| VII | 25 | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 26 | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 27 | | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | **1** | | | 1-5 | |
| | 28 | | | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | **1** | | | 1-5 | |
| VIII | 29 | **Қабули санҷиши фосилавӣ (рейтинг)-и 1-ум** | | | | | | **2** | |
| | 30 | | | | | | | | |
| | 31 | | | | | | | | |
| | 32 | | | | | | | | |
| IX | 33 | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | | **1** | | | 6-10 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 34 | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 35 | | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | | 1 | | | 6-10 | |
| | 36 | | | Мафҳум ва намудҳои суратҳисоб | 1 | | | 6-10 | |
| X | 37 | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 38 | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 49 | | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | 1 | | | 6-10 | |
| | 40 | | | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | 1 | | | 6-10 | |
| XI | 41 | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 42 | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 43 | | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | | 1 | | | 6-10 | |
| | 44 | | | Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк | 1 | | | 6-10 | |
| XII | 45 | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 46 | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 47 | | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | 1 | | | 6-10 | |
| | 48 | | | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | 1 | | | 6-10 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| XIII | 49 | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 50 | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 51 | | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | | 1 | | | 6-10 | |
| | 52 | | | Амалёти ғайринақдӣ бо суратҳисоби мизоҷ | 1 | | | 6-10 | |
| XIV | 53 | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 54 | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 55 | | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | 1 | | | 6-10 | |
| | 56 | | | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | 1 | | | 6-10 | |
| XV | 57 | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 58 | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | | 1 | | | 6-10 | |
| | 59 | | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | | 1 | | | 6-10 | |
| | 60 | | | Танзими ҳуқуқии факторинг ва лизинг | 1 | | | 6-10 | |
| XVI | 61 | | | | **1** | | | | |
| | 62 | | | | **1** | | | | |
| | **63** | **Қабули санҷиши фосилавӣ (рейтинг)-и 2-юм** | | | **1** | | | | |
| | **64** | | | | **1** | | | | |

## VII. АДАБИЁТҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ:

### 1. Адабиёти таълимӣ


1. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои иқтисодӣ ва мактабҳои олии иқтисодӣ. Душанбе: Империал-групп, 2014. 638с.
2. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. Қисми 2. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2014. 350 с. (ҳамуаллифӣ)
3. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Сино», 2015. 647с.
4. Раҳимов М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». / Қонунгузорӣ, 2011, № 2. 113-137(ҳаммуаллифӣ).
5. Рахимов М.З. Избрфанные труды погражданскому и преприниматeльскому праву, Душанбе, 2014. 800 стр.
6. Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Андалеб-Р». 2015. 600с.
7. 79. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. 500с.
8. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»/ Зери назари номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсентон Сангинов Д.Ш. ва Шонасридинов Н.Ш. Душанбе, «Матбааи ДМТ». 2012.170 (ҳайати муаллифон).
9. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. 200 саҳ. (ҳайати муаллифон).
10. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе, «ЭР-граф», 2013.320 саҳ. (ҳайати муаллифон).
11. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе, «ЭР-граф», 2014.435 саҳ. (дар ҳамуаллифӣ).


### 2.Санадҳои меъёриву ҳуқуқии дохилидавлатӣ.


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми як аз 30 июни соли 1999, №802, қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 ва қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 524 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, № 492 «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

7.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, №719 «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

8.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, №722 «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

9.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, №1108 «Дар бораи фаъолияти Бонкии исломӣ» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

## VIII. ТАЛАБОТ НИСБАТ БА ТАДРИСИ ФАН. ТАРТИБИ БАҲОГУЗОРӢ.

Омӯзиши фанни Асосҳои ҳуқуқии ҳисоббаробаркунӣ дар факултети ҳукушиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳатмӣ буда, ба таври назариявӣ ва амалӣ дар доираи 64 соат (4 кредит) таълим дода мешавад.

Иҷрои бечунучарои меъёрҳои муқарраргардида, ки дар барномаи мазкур баррасӣ мегардад, шарти ҳатмии амали гардидани чорабиниҳое мебошад, ки дар барнома инъникос ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, донишҷӯ вазифадор аст:

- дар ҳамаи машғулиятҳо фаъолона иштирок намуда, қоидаҳои тартиботи дохили мехнатии Донишгоҳро риоя намояд;
- ба дарсҳо сари вақт ҳозир гардида дар ҷараёни дарсҳои лесионӣ ҳамеша фаъол бошад;
- ҳангоми иштирок дар дарсҳо маводҳои дарсӣ –ҷуночӣ: ҷуздон, китоб, дафтар, қалам ва ғайра)-ро бо худ дошта бошад;

- дар рафти гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ бе иҷозати омӯзгор сухан накунад ва ба дигар корҳои беҳуда машғул нашавад;

- ба омӯзгор на бо ному насабаш, балки бо исми «устод» муроҷиат намояд.

Сиёсати бахогузорӣ ба дараҷаи аз худкунии фан аз ҷониби донишҷӯён ва тамоми самтҳои фаъолияти онҳо аз рӯи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ (НХР) амалӣ карда мешавад.

Меъёри баҳогузории тафриқавӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ ба донишҷӯ фаҳмонда мешавад.

Барои фаъолияти мусбату манфии донишҷӯ ҳангоми таҳсил намудҳои зерини холҳои ҷаримавию ҳавасмандгардонӣ пешбинӣ карда шудааст:

*Ҳангоми зоҳир намудани фаъолияти манфӣ*: дар дарс иштирок накардан – 5 хол; ба дарс дер омадан – 2 хол; сари вақт иҷро накардани супоришҳои омӯзгор – 5 хол; гуфтугӯи беҳуда ҳангоми дарс – 5 хол; барои ҳаракатҳои гуногуни ноҷо – 3 хол; ба вуҷуд овардани фазои моҷароҷуёна – 5 хол;

*Барои зоҳир намудани фаъолияти мусбӣ:* рафтори намунавӣ – 8 хол; барои иштироки фаъолона – 6 хол; пеш аз мӯҳлат тайёр намудан ва супоридани вазифаҳои аз ҷониби омӯзгор супорида шуда – 6 хол; санҷиши фосилавӣ – 40 хол; санҷиши ҷамъбастӣ – 60 хол.

Эзоҳ: Холҳое, ки донишҷӯ барои иштирок дар дарс ва пеш аз мӯҳлат супоридани вазифаҳои аз ҷониби устод супоридашуда ва дигар холҳое, ки дар қисми сиёсати баҳогузорӣ пешбини карда шудаанд, ҳангоми санҷишҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ ба холҳои ба даст овардаи донишҷӯ илова ё кам карда мешаванд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Меъёри баҳоҳои эҳтимолӣ (ё имконпазир)-и донишҷӯ

| Баҳо | Истифодаи адади холҳо | Фоиз (%)-и ҷавобҳои дуруст | Ифодаи анъанавии холҳо |
|---|---|---|---|
| А | 4,0 | 95-100 | Аъло |
| А- | 3,67 | 90-94 | |
| В+ | 3,33 | 85-89 | Хуб |
| В | 3,0 | 80-84 | |
| В- | 2,67 | 75-79 | |
| С+ | 2,33 | 70-74 | Қаноатбахш |
| С | 2,0 | 65-69 | |
| С- | 1,67 | 60-64 | |
| Д | 1,33 | 55-59 | |
| Д- | 1,0 | 50-54 | |
| Ғ | 0 | 0-49 | Ғайриқаноатбахш |

Ҷадвали қабули санҷишҳои фосилавии 1 ва 2 (рейтингҳои 1 ва 2) барои нимсолаи баҳории соли таҳсили 2015-2016 ба таври ҷудогона ба донишҷӯён дастрас мегардад. Баъди ҳар 6 ҳафтаи гузаронидани машғулиятҳо (яъне ҳафтаҳои 7 ва 14) санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳо) гузаронида шуда ҳафтаҳои 17, 18 ва 19 – чун давраи гузаронидани сесияи баҳории соли таҳсили 2016-2017 муайян карда шуда, имтиҳонҳои ҷамъбастӣ қабул карда мешаванд.

# МАТНИ ЛЕКСИЯ АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

## МАВЗУЪИ №1
## МАФҲУМ ВА ПРЕДМЕТИ ҲУҚУҚИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молия аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар бахши ҳисоббаробаркунӣ ба танзим медарорад.

Предмети ҳуқуқи ҳисоббаробаркуниро муносибатҳои зерини ҷамъиятӣ ташкил медиҳад:

1. Муносибатҳо оид ба ҳисоббаробаркунии нақдӣ;
2. Муносибатҳо оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ.

Дар иқтисодиёти кадом давлате, ки набошад бе ҳиссоббаробаркуниҳо анҷом додани амалиётҳои пардохтӣ ғайриимкон аст. Ҳатто давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ (сотсиалистӣ) аз ҳиссоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳо даст кашида наметавонист. Ҳиссоббаробаркунӣ ҳамчун муродиф (синоним)-и калимаи пардохт асоси тамоми намуди муносибатҳои пулӣ ҳисобида мешавад.

Ҳиссоббаробаркуниҳо аз замонҳои қадим аз ҷониби шаҳрвандон, иттиҳодияҳо ба анҷом расонида мешуданд, аммо мафҳуми ҳиссоббаробаркуниҳо ба маънои имрузааш ба қарибиҳо пайдо шудааст.

Инак ба таърихи пайдоиши мафҳуми ҳиссоббаробаркуниҳо назар мекунем. Дар даврони давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ тамоми муассисаҳо моликияти давлатӣ ҳисобида мешуданд ва маркази ягонаи ҳиссоббаробаркуниҳо дар ИҶШС аз соли 1930 бонки давлатии ИҶШС ба ҳисоб мерафт. Шакли ҳиссоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бошад бо ислоҳоти кредитии солҳои 1930-1931 ва қонунгузории оянда муқаррар шуда буд. Бонки давлатии ИҶШС дар бораи тартиби ҳиссоббаробаркуниҳо қоида ва дастурамалҳо мебаровард, ки барои тамоми муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳатмӣ буданд.

Ҳуқуқи шӯравӣ дар зери мафҳуми ҳиссоббаробаркуниҳо пеш аз ҳама пардохткуниҳо байни ташкилотҳои сотсиалистӣ барои неъматҳои моддӣ, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда дар шакли тартиби ғайринақдӣ ба роҳ монда мешуд, яъне аз суратҳисоби дар бонк доштаи пардохткунанда ба суратҳисоби қабулкунанда гузаронидани воситаҳои пулӣ (ба ғайр аз ҳиссоббаробаркуниҳое, ки дар гардишашон маблағҳои хурд буданд).

Баъд аз оне ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолиятро ба даст даровард, Кодекси граждании ҶТ бо қисмҳои 1,2 ва 3 қабул гардиданд. Маҳз дар қисми дуюми Кодекси граждании ҶТ муносибатҳо дар бахши ҳиссоббаробаркуниҳо танзими худро ёфтанд. Ба ғайр аз кодекси мазкур муносибатҳо дар бахши ҳиссоббаробаркуниҳо инчунин тавассути Қонунҳои ҶТ "Дар бораи БМТ", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва дигар қонунҳо ба танзим даровarда мешаванд.

Вақте ки мо ҳисоббаробаркунӣ мегуем он бо мафҳумҳои пардохт, пул, воситаҳои пулӣ алоқаи зич дорад. Дар соҳаи танзими ҳуқуқии пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо то замони мо консепсияи ягона вуҷуд надорад. Дар доктринаҳо ва назаряҳои олимон дар бахши ҳисоббаробаркуниҳо то ҳол гуногунфикрӣ ҷой дорад.

Ҳисоббаробаркунӣ ин амали мизоҷ барои пардохт намудани маблағ ба тарафи дигар – қабулкунандаи маблағ эътироф карда мешавад.

Дар бештари ҳолатҳо зери ҳисоббаробаркунӣ амалиёте, ки барои адои уҳдадориҳои пулӣ, яъне иҷро кардан, фаҳмида мешавад. Ҳисоббаробаркунӣ пардохти маблағи муайянро ифода мекунад. Асосҳои бавуҷудоии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ иҷрои амалҳои муайян аз ҷониби пардохткунанда мебошад, ки барои амали намудани пардохтҳо барои шахси дигар (қабулкунанда) равона гардидааст. Чӣ тавре дар болотар зикр кардем муҳаққиқон ҳисоббаробаркуниро синоними пардохтҳо (амалинамоии пардохтҳо) қайд кардаанд.

Ҳисоббаробаркуниҳо – ин амалиётҳое, ки барои қатъ ё тағйири уҳдадориҳои бавуҷудомада равона гардидаанд, ба ҳисоб мераванд. Муносибатҳое мебошанд, ки объекти онҳоро молу мулк (неъматҳои моддӣ ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ) ташкил медиҳад. Ин муносибатҳо дар шароити рушди бозор аҳамияти хосаро ба худ мегиранд.

Қонунгузории амалкунанда мафҳуми ҳиссоббаробаркуниро надодааст. Дар қонунгузорӣ махсусан қисми дуюми Кодекси Граждании ҶТ мафҳумҳои ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ низ муқаррар нашудаанд. Пеш аз ҳама бояд муайян намуд, ки қонунгузорӣ мафҳуми ҳисоббаробаркуниро чӣ гуна маънидод кардааст. Боби 44 Кодекси граждани (қисми 2-и)-и ҶТ ба масъалаи ҳисоббаробаркунӣ бахшида шудааст. Он маҷмӯи меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳоро дар бахши ҳисоббаробаркунӣ бевосита ба танзим медарорад.

Агар ин мафҳуми ҳисоббаробаркуниро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун таҳлил кунем ба хулосае омадан ммумкин аст, ки дар зери мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ гузаронидани воситаҳои пулӣ барои амалӣ намудани уҳдадориҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва умумӣ-ҳуқуқӣ, инчунин гузаронидани воситаҳои пулӣ аз ҷониби молик ба дигар ҳисобҳои ӯ, фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо предмети уҳдадориҳоро бошад воситаҳои пулӣ ташкил медиҳанд. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ амалиёти гузаронидани воситаҳои пулиро инчунин бо истилоҳҳои "амалигардонии ҳисоббаробаркунӣ" ё "амалигардонии пардохт" низ ном мебаранд.

Ҳисоббаробаркуниҳо мутобиқи қонунгузорӣ мумкин аст, ки дар як вақт бо гирифтани ягон неъмати моддӣ иҷро карда шавад, ки дар ин ҳолат онҳо бевосита байни тарафҳо, масалан шартномаи хариду фурӯш, шартномаи иҷора ва ғайра амалӣ карда шавад. Ҳисоббаробаркуниҳои бевосита дар муносибатҳои молу мулкие, ки чун қоида байни шаҳрвандон ё бо иштироки онҳо ба вуҷуд меоянд, анҷом дода мешаванд. Дар муносибатҳои молу мулкии байни шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун қоида набояд, ки

ҳисоббаробаркуниҳо бевосита анҷом дода шаванд. Дар ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони ҳуқуқӣ бояд субъекти иловагии дигар – ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷалб карда мешавад. Ҳисоббаробаркуниҳои бевосита байни шахсони ҳуқуқӣ танҳо ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ агар бо пули нақд дар доираи маҳдудияти маблағ бошад, анҷом дода мешавад. Дар асоси муносибатҳои молу мулкии мавҷуда, ки аз шартномаи ҳуқуқи гражданӣ бармеояд, муносибатҳои молу мулкии нав, яъне ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд меоянд. Ин муносибатҳои ҳисоббаробаркуниҳои молу мулкии байни шахсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) ҳангоми амалинамоии ҳисоббаробаркуниҳо шакли муносибатҳои ҳисоббаробаркуниҳоро мегиранд. Муносибатҳои ҳисоббаробаркуниҳо инчунин муносибатҳое, ки байни андозсупоранда ва мақомоти андоз ҳангоми пардохт ва ҷамъоварии андоз ба буҷети сатҳҳои гуногун ва фондҳои ғайрибуҷетӣ (фонди нафақа, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ) ба вуҷуд меоянд, низ ҳисобида мешаванд.

Танзими ҳуқуқии ҳисоббаробаробаркунӣ дар асоси санадҳои зерин сурат сурат мегирад:

*1. Кодекси Граждании ҶТ.*

*2. Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон".*

*3. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ".*

*4. Дастурамал оид ба қоидаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ҶТ.*

Асоси тамоми муносибатҳои ҳуқуқиро дар бахши ҳисоббаробаркунӣ уҳдадориҳои пулӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ ҳисоббаробаркунӣ чунин хусусиятҳо дорад:

*1. Ҷиҳати иҷроиши уҳдадориҳои пулӣ равона мегардад;*

*2. Дар асоси қонунгузорӣ меъёрҳои мушаххаси танзимкунандаи худро доро мебошад;*

*3. Муносибатҳои мизоҷ ва қабулкунандаи маблағро ҳангоми ба анҷом нарасонидани амалиёти муайян бо чораҳои маҷбуркунӣ устувор мекунад.*

Тамоми муноситабҳо дар бахши ҳисоббаробаркунро ба ду маҳаки асосӣ вобаста медонанд:

1. Намуди ҳисоббаробаркунӣ;

2. Шакли ҳисоббаробаркунӣ.

Ду намуди ҳисоббаробаркунӣ ҷой дорад:

*1. Ҳисоббаробаркунии нақдӣ – ин ба анҷом расонидани амалиёт аз ҷониби мизоҷ ва ё ташкилоти кредитӣ бо пули нақд ба ҳисоб меравад;*

*2. Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ – ан амалиёти субъектони ҳисоббаробаркунӣ дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва ё суратҳисоби корреспондентӣ бо меъёри маблағи пулии бо қонунгузорӣ пешбинишуда ва ё иштироки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар амалиёти ба фаъолияти соҳибкорӣ вобастабуда мебошад.*

*Шакли ғайринақдии ҳисоббаробаркуниҳо*

*Ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳисоббаробаркунӣ бо супоришномаи пардохт, тибқи аккредитив, чекҳо, ҳисобу китоб тибқи*

*инкассо, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо дигар шаклҳо, ки қонунҳо, қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо таҳиягардида ва анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашаванда пешбинӣ намудаанд, иҷозат дода мешавад.*

*Тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд дар шартнома ҳама гуна шаклҳои ҳисоббаробаркуниро, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр гардидааст, интихоб ва пешбинӣ намоянд.*

Шакли ҳисоббаробаркунӣ аслан муттаҳиди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мебошад, ки онро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунанд:

*Шакли ҳисоббаробаркунӣ дар асоси супориши пардохт;*

*Шакли ҳисоббаробаркунӣ дар асоси аккредетив;*

*Шакли ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо;*

*Шакли ҳисоббаробаркунӣ дар асоси чек.*

Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи қоидаи умумӣ байни ду субъект ва дар баъзе мавридҳо байни се субъект ба вуҷуд меояд:

*Бонк;*

*Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ;*

*Шахсони дигаре, ки ба манфиати онҳо байни бонк ва мизоҷ амалиёти муайян анҷом дода шудааст.*

# МАВЗУЪИ №2
# МОҲИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ муносибатҳои объективӣ мебошанд, чунки дар асоси муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд, ҳаракати унсурҳои аслӣ-амволии истеҳсолотро такон мебахшанд, арзиши онҳоро дар шакли пулӣ ифода месозанд ва функсияҳои воситаи мубодила, воситаи пардохти пулро иҷро менамоянд. Тамоми муносибатҳои ҳисоббаробаркуниро дар ду маҳаки асосӣ ифода мекунанд:

*1. Шартии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ;*

*2. Асосҳои бавуҷудоии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ.*

Муносибатҳои шартии ҳисоббаробаркунӣ муносибатҳое мебошанд, ки бевосита бавуҷудорандаи муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ намебошанд, аммо шароити мавҷудияти онҳоро ба миён меоранд. Ба ҳайси ин муносибатҳо муносибатҳои молумулкӣ, қарзӣ, шартномаи суратҳисоби бонкӣ, амалиёт оид ба фурӯши асъори хориҷӣ ва ғайраҳо баромад мекунад.

Асосҳои бавуҷудоии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин уҳдадориҳои ҳисоббаробаркуние мебошанд, ки муайянкунандаи тарз ва шакли ҳисоббаробаркунӣ дар муносибатҳои хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта дар фасли тартиби ҳисоббаробаркунии шартномаҳои соҳибкорӣ ифода карда мешаванд.

Тарзи ҳисоббаробаркунӣ ин механизми ягонаи қабул ва пешниҳоди воситаи пулӣ мебошад, ки дар шакли хоси ҳисоббаробаркунӣ воситаҳои пардохт ва иштирокчиёни ин ҳисоббаробаркунӣ ифода меёбад.

Умуман ду тарзи ҳисоббаробаркунӣ ҷой дорад:

*1. Нақдӣ – яъне ҳисоббаробаркунӣ тавассути пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;*

*2. Ғайринақдӣ – яъне ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои бонкӣ.*

Ҳисоббаробаркунӣ байни шаҳрвандон ва ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандон, ки бо иҷрои фаъолияти соҳибкории онҳо вобаста намебошад, бо пули накд (моддаи 155) бидуни маҳдудияти маблағ анҷом дода мешавад.

Ҳисоббаробаркунӣ байни ашхоси ҳуқуқӣ, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандон, ки бо иҷрои фаъолияти соҳибкории (моддаи 24) онҳо вобаста аст ба таври ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Ҳисоббаробаркунӣ байни ашхоси зикргардида, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, инчунин бо пули накд анҷом дода шуданаш мумкин аст.

Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути бонкҳо, дигар ташкилотҳои кредитӣ (минбаъд – «бонкҳо»), ки дар онҳо суратҳисобҳои ашхоси иштирокчии ҳисоббаробаркуниҳо кушода шудаанд, агар аз қонун тартиби дигари ҳисоббаробаркунӣ барнаояд ва дар шакли ҳисоббаробаркуниҳои истифодашаванда қайду шарти дигаре набошад, анҷом дода мешавад.

Тибқи шартнома бо муштарӣ бонк метавонад ӯҳдадории қабул ва хизматрасонии қарзи муштариро (шартномаи факторинг) ба зиммаи худ гирад. Баъди пӯшонидани қарз бонк маблағи бадастомадаро ба муштарӣ медиҳад ва аз ӯ ҳаққи хизмат, ки ҳаққи комиссиониро барои хизматрасонии қарз дар бар мегирад, дар ҳаҷми муайяннамудаи шартнома меситонад.

Ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳисоббаробаркунӣ бо супоришномаи пардохт, тибқи аккредитив, чекҳо, ҳисобу китоб тибқи инкассо, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо дигар шаклҳо, ки қонунҳо, қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо таҳиягардида ва анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашаванда пешбинӣ намудаанд, иҷозат дода мешавад.

Тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд дар шартнома ҳама гуна шаклҳои ҳисоббаробаркуниро, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр гардидааст, интихоб ва пешбинӣ намоянд.

Шакли ҳисоббаробаркунӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии муайянкунандаи қоидаи баамалбарории пардохти пулӣ байни субъектони хоҷагидор ба ҳисоб меравад, ки тавассути мустаҳкам намудани амалҳои муҳими ҳуқуқӣ, шакли ҳуҷҷатгузорӣ ва қоидаҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо бо тарзи мушаххаси ҳисоббаробаркунӣ ба амал бароварда мешавад.

Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровараа шуда, дорои хислати расмиётӣ мебошанд ва имконият медиҳанд, ки пардохт ва қабули воситаҳои пулиро дар ухдадориҳои амволии гуногуннамуд ба сомон расонанд.

Бонки миллии Тохикистон метавонад оиди амалӣ намудани пардохтҳои байнибонкӣ хизмат расонад, барои ташкили низоми клиринги байнибонкӣ ва дигар шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ мувофиғи санадҳои меъёрии қабулкардааш мусоидат намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои мӯҳлатҳои коркарди пардохтҳо дар Бонки миллии Тохикистон хавобгар мебошад. Дар сурати бо айби он зиёда аз мӯҳлати пешбинишуда таъхир ёфтани пардохт Бонки миллии Тохикистон вазифадор аст барои ҳар рӯзи таъхирёфта назар ба меъёри фоизи ҷорӣ ду баробар зиёд фоиз диҳад.

Яке аз категорияҳои муҳим дар муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ мебошанд, ки мафҳуми онро ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмидан мумкин аст.

Ба маънои васеъ ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки аз ҷониби иштирокчиёни амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ барои барасмиятдарории интиқоли воситаҳои пулӣ аз пардохткунанда ба қабулкунанда истифода бурда шавад (яъне ҳуҷҷатҳо барои интиқол).

Ба маънои маҳдуд бошад ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки барои пардохт ҷиҳати хизматрасонии бонкӣ тавассути интиқоли воситаҳо аз суратҳисоби пардохткунанда ба қабулкунанда истифода мегардад.

Ҳамин тариқ ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин ҳуҷҷаткунонии супориш ба ҳисоб меравад, ки дар шакли қоғазӣ ва ё электронӣ иҷро шуда мутобиқ ба стандарти давлатӣ мебошад ва дарбаргирандаи иттилооти зарурӣ барои амалинамоии амалиёти ғайринақдии субъектони хоҷагидор мебошанд.

## МАВЗУЪИ №3
## ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни ҶТ ”Дар бораи фаъолияти бонкӣ ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ” Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Тартиби таъсиси ташкилоти қарзӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” ва қонунҳои дигар бо назардошти муқаррароти Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

Бонкҳо, ба истиснои бонки давлатӣ, дар шакли ҷамъияти саҳомӣ таъсис меёбанд.

Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои қарзӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ (минбаъд - иҷозатнома) амалӣ мегардад.

Иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бемӯҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фаъолияти бонкиро бе иҷозатнома дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” анҷом диҳад.

Ташкилотҳои қарзӣ аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти бонкиро пайдо мекунанд.

Иҷозат барои оғози фаъолият ба филиали бонки хориҷӣ танҳо дар ҳолате дода мешавад, ки бонки асосии он аз ҷониби мақоми дахлдори давлате, ки ин бонк дар он ҷойгир аст, зери танзим ва назорати маҷмӯии бонкӣ қарор дошта бошад.

Бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонки хориҷӣ тибқи талаботи нисбат ба бонкҳои ватанӣ муқаррарнамудаи қонунгузории бонкӣ таҳти танзим ва назорат қарор мегиранд.

Бонки миллии Тоҷикистон метавонад барои бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонкҳои хориҷӣ оид ба анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ маҳдудиятҳо муқаррар намояд, агар дар давлатҳои дахлдори хориҷӣ нисбат ба бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонкҳои ватанӣ чунин маҳдудиятҳо пешбинӣ карда шаванд.

Фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ (минбаъд - иҷозатнома) амалӣ мегардад.

Иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бемӯҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фаъолияти бонкиро бе иҷозатнома дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" анҷом диҳад.

Ташкилотҳои қарзӣ аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти бонкиро пайдо мекунанд.

Иҷозат барои оғози фаъолият ба филиали бонки хориҷӣ танҳо дар ҳолате дода мешавад, ки бонки асосии он аз ҷониби мақоми дахлдори давлате, ки ин бонк дар он ҷойгир аст, зери танзим ва назорати маҷмӯии бонкӣ қарор дошта бошад.

Бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонки хориҷӣ тибқи талаботи нисбат ба бонкҳои ватанӣ муқаррарнамудаи қонунгузории бонкӣ таҳти танзим ва назорат қарор мегиранд.

Бонки миллии Тоҷикистон метавонад барои бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонкҳои хориҷӣ оид ба анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ маҳдудиятҳо муқаррар намояд, агар дар давлатҳои дахлдори хориҷӣ нисбат ба бонкҳои фаръӣ ва филиалҳои бонкҳои ватанӣ чунин маҳдудиятҳо пешбинӣ карда шаванд.

Ягон шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти бонкӣ бе иҷозатномае, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, машғул шуда наметавонад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барҳам додани шахси ҳуқуқиро, ки бе иҷозатнома амалиёти бонкӣ иҷро мекунад, талаб намояд.

Талаботи Қонуни мазкур нисбат ба шахсони зерин татбиқ намегардад:

- ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки фаъолияти онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" танзим мегардад;

- шахсоне, ки барои қарзи додаашон фоиз намегиранд;

- ташкилоти тиҷоратие, ки ташкилоти қарзӣ нест, ҳуқуқ дорад бе иҷозатнома интиқоли маблағҳои пулиро бо супориши шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ (ба истиснои интиқолҳои почтавӣ) ҳамчун пардохт барои хизматрасониҳои алоқа, манзили истиқоматӣ ва хизматрасонии коммуналӣ дар сурати мавҷуд будани шартнома бо ташкилоти қарзӣ, иҷро намояд. Мутобиқи шартномаи басташуда ташкилоти тиҷоратӣ, ки ташкилоти қарзӣ нест ӯҳдадор мешавад, аз номи худ, аммо аз ҳисоби ташкилоти қарзӣ интиқоли маблағҳои пулиро бо супориши шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ (ба истиснои интиқолҳои почтавӣ) ҳамчун пардохт барои хизматрасониҳои алоқа, манзили истиқоматӣ ва хизматрасонии коммуналӣ ба суратҳисоби бонкии шахсе, ки чунин хизматрасониро (корро) иҷро менамояд, анҷом диҳад.

Калимаҳои "ташкилоти қарзӣ", "бонк", "ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ" ё калимаҳои аз онҳо ба вуҷуд омада дар ҳар шакле, ки

набошад, наметавонад нисбат ба фаъолият ё хизматрасонӣ бе иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон истифода шаванд, ба истиснои чунин истифодабарие, ки мувофиқи қонун ё шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар ё эътироф шуда бошад ё дар матне, ки калимаю ибораҳои номбаршуда истифода шудаанд, муайян бошад, ки он фаъолияти бонкиро дар назар надорад.

Намояндагӣ калимаҳои ”ташкилоти қарзӣ” ё калимаи ”бонк”-ро дар номи худ набояд истифода барад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки калимаҳои “ташкилоти қарзӣ” ё калимаи “бонк” қисми ҷудонопазири номи ташкилоти қарзӣ ё бонки хориҷиеро ифода кунад, ки онҳо ба ӯ тааллуқ доранд ба шарте, ки дар чунин ҳолатҳо калимаи намояндагӣ илова карда шавад.

Ташкилоти қарзӣ бояд инҳоро дошта бошад:

- номи расмӣ ва ихтисораи он, ки ба шакли ташкилию ҳуқуқии он ишора мекунад;
- номгӯи фаъолият, ки ба забони давлатӣ ва яке аз забонҳои хориҷӣ сабт шудааст;
- мӯҳр, бо зикри номи ташкилоти қарзӣ бо забони давлатӣ ва яке аз забонҳои хориҷӣ.

Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор аст ҳангоми баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома истифодаи номи ташкилоти қарзиро манъ кунад, агар чунин ном аллакай дар Феҳристи сабти ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд бошад.

Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 12.05.2009 таҳти №524 танзими ҳуқуқии хизматрасонии бонкӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти бонкӣ дар ҶТ ба роҳ монда мешавад. Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст. Дар асоси моддаи 3-и қонуни мазкур амалиёти бонкӣ ба чунин гурӯҳҳо тасниф карда мешавад:

1.Ҷалби амонату пасандозҳо.

Амонат – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд. Пасандоз - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

2. Додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

3. Кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

4. Хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу ва сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

5. Додани кафолат, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

6. Хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра);

7. Миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

8. Амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

9. Хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);

10. Ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар ин модда зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

11. Амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

12. Қабул намудан инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қимматбаҳо;

Яке аз амалиётҳои бонкӣ ин додани қарз мебошад. Тибқи шартномаи қарз як тараф (қарздиҳанда) ба тарафи дигар (қарзгиранда) ба моликият пул ё ашёи дорои аломати навъи муайянро месупорад ва қарзгиранда ӯҳдадор мешавад, ки ба қарздиҳанда ба таври якдафъаина ё давра ба давра ба ҳамин андоза маблағ ё баробар ба теъдоди ашёи ба қарз гирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат (маблағи қарз)-ро баргардонад.

Шартномаи қарз аз лаҳзаи супурдани пул ё ашё басташуда ба ҳисоб меравад.

Асъори хориҷӣ ва арзишҳои асъорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо риояи қоидаҳои моддаҳои 155, 156 ва 340 ҳамин Кодекс мавзӯи шартнома қарор гирад.

Шартномаи қарз, агар маблағи он на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳои муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ баландтар бошад, инчунин дар ҳолате ки як тарафи шартнома, сарфи назар аз маблағ, шахси ҳуқуқӣ мебошад, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №849)

Риоя накардани шакли хаттии шартномаи қарз боиси оқибатҳои пешбининамудаи моддаи 187 ҳамин Кодекс мегардад.

Шартномаи қарз дар сурати мавҷуд будани забонхати қарзгиранда ё дигар ҳуҷҷате, ки ба ӯ аз ҷониби қарздиҳанда додани маблағи муайян ё теъдоди муайяни ашёро тасдиқ мекунад, дар шакли хаттӣ басташуда эътироф мегардад.

Шакли хаттии шартномаи қарз, агар ӯҳдадории қарз бо вексел, вомбарг ё дигар коғази қиматноки додаи қарзгиранда, ки маблағи қарз ва ҳуқуқи қарздиҳандаро барои ситондани он муқаррар менамояд, риояшуда ба ҳисоб меравад.

Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қарздиҳанда барои аз қарзгиранда аз маблағи қарз тибқи андоза ва тартиби муайяннамудаи шартнома гирифтани фоиз ҳуқуқ дорад. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоиз андозаи он тибқи ставкаи ба таври дахлдор муайяннамудаи фоизи бонк дар рӯзи аз ҷониби қарзгиранда баргардонидани қарзи худ ё як қисми дахлдори он муайян карда мешавад.

Шартномаи қарзе, ки байни шаҳрвандон ба маблағ на бештар аз андозаи сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи қонун пешбинигардида баста шудааст ва ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ҳатто яке аз тарафҳо алоқаманд намебошад, агар дар он мустақиман тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бидуни фоиз тахмин шуданаш мумкин аст. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №849)

Агар тибқи шартномаи қарз ба қарзгиранда ашёи дорои аломатҳои навъи муайян супурда шавад, фоиз дар ҳолате бояд пардохта шавад, ки агар андоза ва шакли он (пулӣ ё дар шакли асл) дар шартнома пешбинӣ шудааст.

Тартиб ва мӯҳлати пардохти фоизҳо тибқи шартномаи қарз муқаррар карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин нишондод фоизҳо тибқи тартиб ва мӯҳлати пешбининамудаи шартнома оид ба баргардондани қарзи асосӣ пардохта мешаванд.

Қарзгиранда вазифадор аст ба қарздиҳанда маблағи гирифтаашро тибқи мӯҳлат ва тартиби пешбининамудаи шартнома баргардонад.

Агар мӯҳлати баргардонидани қарз дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, он бояд аз ҷониби қарзгиранда дар мӯҳлати сӣ рӯз аз рӯзи пешниҳод намудани талабот аз ҷониби қарздиҳанда баргардонида шавад.

Маблағи пешниҳод кардаи қарз пеш аз мӯҳлат баргардонида шуданаш мумкин аст.

Фоизҳо оид ба қарз дар ҳар лаҳза пеш аз мӯҳлат пардохта шуданашон мумкин аст.

Агар дар шартномаи қарз тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблағи қарз аз лаҳзаи ба қарздиҳанда додани қарз ё гузаронидани маблағи пулии дахлдор ба суратҳисоби бонкии ӯ баргардонидашуда ба ҳисоб меравад.

Агар дар қонунҳо ё дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар ҳолатҳое ки қарзгиранда маблағи қарзро дар мӯҳлати муайяншуда барнамегардонад, ба ҳамин маблағ бояд дар ҳаҷми муайяннамудаи қисми 1 моддаи 426 ҳамин Кодекс аз ҳамон рӯзе, ки қарз бояд баргардонида шавад ва то рӯзи баргардонидани он ба қарздиҳанда фоиз пардозад.

Агар дар шартнома қисман баргардонидани қарз (давра ба давра) пешбинӣ гардида бошад, дар ин сурат ҳангоми аз ҷониби қарзгиранда вайрон кардани мӯҳлати барои баргардонидани қисми навбатии қарзи муқаррааргардида қарздиҳанда ҳуқуқ дорад пеш аз мӯҳлат баргардонидани ҳамин маблағҳои қарзи боқимондаро якҷоя бо фоизҳои марбута талаб кунад. Агар қарзгиранда беш аз нисфи маблағи қарзро баргардонида бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад.

Агар дар шартнома пардохти фоизи қарз дар мӯҳлате, ки аз мӯҳлати баргардонидани худи қарз пештар аст пешбинӣ гардида бошад, дар ин сурат ҳангоми вайрон кардани чунин ӯҳдадорӣ қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарзро якҷоя бо фоизҳои марбута талаб кунад.

Қарзгиранда ҳуқуқ дорад вобаста ба бепулӣ ва бо исботи он, ки пул ё ашё воқеан аз қарздиҳанда гирифта нашудааст ё нисбат ба он чи дар шартнома зикр гардидааст андозаи камтарро ташкил медиҳад, шартномаи қарзро таҳти баҳс қарор диҳад.

Шартномаи қарзе, ки бояд дар шакли хаттӣ баста шавад (моддаи 828) наметавонад вобаста ба бепулии он, ба истиснои ҳолате, ки агар шартнома таҳти таъсири фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созишномаи бадаҳдонаи намояндаи қарздиҳанда бо қарзгиранда ё ба миён омадани ҳолатҳои вазнин (моддаи 204) баста шудааст, тавассути баёноти шоҳидӣ мавриди баҳс қарор дода шавад.

Агар дар ҷараёни баҳси қарзгиранда оид ба бепулии шартномаи қарз муқаррар карда шавад, ки пул ё дигар ашё дар ҳақиқат аз қарздиҳанда гирифта нашудааст, шартномаи қарз бастанашуда ба ҳисоб меравад. Дар сурате ки агар пул ё ашё дар ҳақиқат аз ҷониби қарзгиранда нисбат ба оне, ки дар шартнома зикр гардидааст, камтар гирифта шуда бошад, шартнома ба андозаи ҳамин маблағ ё теъдоди ашё басташуда ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми аз ҷониби қарзгиранда иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномаи қарз ҷиҳати баргардонидани маблағи қарз, инчунин ҳангоми аз даст додани таъмин ё бад гардидани шартҳои он вобаста ба ҳолате, ки барои он қарздиҳанда ҷавобгар намебошад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз мӯҳлат пардохтани қарзро талаб намояд.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қарзгиранда маблағҳои қарзи тибқи шартнома гирифтаашро мувофиқи салоҳдиди худ истифода мебарад.

Агар шартномаи қарз бо шарти аз ҷониби қарзгиранда барои мақсадҳои муайян (қарзи мақсаднок) истифода бурдани маблағҳои гирифташуда баста шуда бошад, қарзгиранда вазифадор аст ба қарздиҳанда имконияти назорати тибқи мақсад истифода гардидани маблағи қарзро фароҳам орад.

Дар сурати аз ҷониби қарзгиранда иҷро накардани шарти шартнома оид ба истифодаи мақсадноки маблағи қарз қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз мӯҳлат пардохтани қарзро талаб намояд.

Тибқи созишномаи тарафҳо ҳама гуна қарзе, ки аз хариду фурӯш, кироям амвол ё дар асосҳои дигар ба миён омадааст, метавонад бо ӯҳдадории қарз иваз карда шавад.

Иваз намудани қарз бо ӯҳдадории қарз бо риояи қоидаҳои ҳамин Кодекс дар мавриди нав шудани ӯҳдадорӣ (моддаи 446) ва дар шакли барои шартномаи қарз муқарраргардида (моддаи 828) анҷом дода мешавад.

Тибқи шартномаи қарзи давлатӣ ба сифати қарзгиранда давлат ва ба сифати қарздиҳанда шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ баромад мекунанд.

Қарзҳои давлатӣ ихтиёрӣ мебошанд. Шартномаи қарзи давлатӣ бо усули аз ҷониби қарздиҳанда ба даст овардани вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки баровардашудаи давлатӣ, ки ҳуқуқи қарздиҳандаро барои аз қарзгиранда гирифтани маблағҳои пулии қарзи додашуда ё вобаста ба шарти қарз додани дигар амвол, фоизҳои муқарраршуда ё дигар ҳуқуқи амволиро дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартҳои ба муомилот баровардани вомбаргҳо тасдиқ менамояд, баста мешавад.

Тағйир додани шартҳои вомбаргҳои ба муомилот баровардашуда (конверсияи вомбарг), аз ҷумла тибқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 483 ҳамин Кодекс ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода намешавад.

Давлат оид ба шартномаи қарзи давлатӣ мутобиқи қоидаҳои моддаи 138 ҳамин Кодекс масъулият дорад.

Дар ҳолатҳое ки тибқи созишномаи тарафҳо аз ҷониби қарзгиранда векселе дода шудааст, ки ӯҳдадории бидуни ҳеҷ гуна шарти векселдиҳанда (вексели оддӣ) ё дигар  пардозандаи дар вексел зикргардидаро (вексели интиқолӣ) дар мавриди бо фаорасии мӯҳлати пешбининамудаи вексел пардохтани  маблағҳои қарзи гирифташударо тасдиқ мекунад,  муносибати тарафҳо вобаста ба вексел мувофиқи қонун дар бораи векселӣ интиқолӣ ва оддӣ танзим карда мешавад.

Аз лаҳзаи додани вексел қоидаҳои ҳамин зербоб нисбат ба чунин муносибатҳо истифода бурда шуданашон мумкин аст, зеро онҳо хилофи қонун дар бораи векселӣ интиқолӣ ва оддӣ намебошанд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ шартномаи қарз метавонад бо усули барориш ва фурӯши вомбаргҳо баста шавад.

Вомбарг коғази арзишноке эътироф мегардад, ки ҳуқуқи дорандаи онро барои аз шахси вомбаргро бароварда дар мӯҳлати пешбининамудаи он гирифтани арзиши собит (номиналӣ)-и вомбарг ё дигар амволи баробарарзишро тасдиқ менамояд. Вомбарг ба дорандаи он инчунин ҳуқуқи гирифтани фоизи дар он муайяншударо медиҳад.

Нисбат ба муносибатҳои байни шахсе, ки вомбаргро баровардааст ва дорандаи он қоидаи ҳамин зербоб татбиқ мегардад, зеро дар қонун чизи дигари пешбинӣ нагардидааст.

Дар замони имрӯза кредит ба яке аз қисмҳои ҷудонопазири фаъолияти бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мубаддал гаштааст. Тибқи шартномаи кредит як тараф - бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ (кредитор) ӯҳдадор мешавад ба тарафи дигар (қарзгиранда) тибқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағҳои пулӣ (кредит) диҳад ва қарзгиранда бошад, ӯҳдадор мешавад маблағи пулии гирифтаашро баргардонад ва барои он фоиз супорад.

Дар ҳолатҳое ки мувофиқи қонунҳо аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратие, ки ташкилотҳои кредитӣ ба ҳисоб намераванд, анҷом додани кредитонӣ иҷозат дода шудааст, нисбат ба муносибатҳои кредитоние, ки аз ҷониби чунин ташкилоти тиҷоратӣ анҷом дода шудааст, қоидаҳои шартномаи кредитӣ татбиқ мегардад.

Нисбат ба муносибатҳо оид ба шартномаи кредит, агар тибқи қоидаҳои ҳамин зербоб тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти шартномаи кредит барнаояд, қоидаҳои ҳамин Кодекс дар бораи шартномаи қарз татбиқ мегарданд.

Шартномаи кредит бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани шарти хаттӣ боиси беэътибор донистани шартномаи кредитӣ мегардад. Чунин шартнома қурб надорад.

Кредитор ҳуқуқ дорад ба қарзгиранда додани кредити дар шартнома пешбинигардидаро пурра ё қисман дар сурати ғайри қобили пардохт эътироф гардидани қарзгиранда, аз ҷониби ӯ иҷро накардани ӯҳдадориҳо оид ба таъмини кредит, вайрон кардани ӯҳдадории дар шартнома пешбинигардидаи мақсадноки истифодаи кредит, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома рад намояд.

Қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз гирифтани кредит пурра ё қисман даст кашида дар маврид кредиторро то мӯҳлати дар шартнома муқарраргардидаи фароҳам овардани кредит огоҳ созад.

Тарафҳо метавонанд шартномаеро ба имзо расонанд, ки ӯҳдадории як тарафро барои ба тарафи дигар тибқи шартҳои шартномаи кредит додани ашёи дорои аломатҳои навъи муайян пешбинӣ менамояд.

Агар дар чунин шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шарти он дар мавриди теъдод, навъ (ассортимент), мукаммалӣ, сифат, зарф ва (ё) басту банди ашёи пешниҳодшуда бояд тибқи қоидаҳо оид ба шартномаи хариду фурӯши мол (моддаҳои 488 - 527) иҷро карда шавад.

Шартномаҳое, ки иҷрои онҳо барои ба моликияти дигар тараф додани маблағи пулӣ ё амволи дорои аломатҳои навъи муайян тафриқашаванда алоқаманд мебошанд, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, метавонанд ба ин тараф ё аз ҷониби ин тараф додани кредитро, аз ҷумла дар шакли бунак (аванс), пешпардохт, тамдиди мӯҳлат ё давра ба давра пардохти мол, кор ё хизматрасонӣ (кредити молӣ) пешбинӣ намояд.

Нисбат ба кредити молӣ мутаносибан қоидаҳои моддаҳои 839 - 841 ҳамин Кодекс татбиқ мегардад.

Дигар амалиёти паҳнгаштаи бонкӣ ин пасандози бонкӣ мебошад. Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ (депозити бонк) як тараф (бонк), ки маблағ (пасандоз)-и ба ҳисоби тарафи дигар (амонатгузор) воридшударо қабул кардааст, ӯҳдадор мешавад, ки ба амонатгузор ин маблағро баргардонад ва барои он фоиз ё дар шакли дигар тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоида пардозад.

Шартномаи пасандози бонкӣ аз рӯзи ворид шудани пасандоз ба бонк басташуда ба ҳисоб меравад.

Шартномаи пасандози бонкие, ки дар он амонатгузор шаҳрванд мебошад, шартномаи оммавӣ (моддаи 458) ба ҳисоб меравад.

Нисбат ба муносибатҳои бонк ва амонатгузор оид ба суратҳисобе, ки ба он пасандоз гузошта шудааст, қоидаҳо дар бораи шартномаи суратҳисоби бонк (боби 43), агар дар қоидаҳои ҳамин боб тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигаре барнаояд, татбиқ мегардад.

Ашхоси ҳуқуқӣ ҳуқуқ надоранд маблағҳои пулии дар пасандоз (депозитҳо) мавҷудбударо ба ашхоси дигар гузаронанд.

Қоидаҳои ҳамин боб, ки марбут ба бонкҳо мебошанд, инчунин нисбат ба дигар ташкилотҳои кредитӣ, ҳангоми аз ҷониби онҳо бастани шартномаи пасандози бонкӣ татбиқ мегарданд.

Ҳуқуқи ҷалби маблағҳои пулиро ба пасандозҳо бонкҳое доро мебошанд, ки ба онҳо ин ҳуқуқ тибқи иҷозатнома (литсензия)-и мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифташуда дода шудааст.

Бонки амонатгузор ё шӯъбаҳои он ҳифз ва баргардондани пули пасандози амонатгузорро дар ҳар лаҳза кафолат медиҳад.

Шартномаи пасандози бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Шакли хаттии шартномаи пасандози бонкӣ ба шарте риоягардида ба ҳисоб меравад, ки агар гузаронидани пасандоз бо дафтарчаи амонат, сертификат (амонат)-и бонкӣ ё дигар ҳуҷҷати ба амонатгузор додаи бонк, ки ба талаботи барои чунин ҳуҷҷатҳо муайяннамудаи қонун, қоидаҳои мутобиқи он муқаррарнамудаи бонкӣ ва дар амалияи анъанаҳои муомилоти кории бонкӣ истифодашаванда ҷавобгӯ бошад, тасдиқ карда шудааст.

Риоя накардани шакли хаттии шартномаи пасандози бонкӣ боиси беэътибор гардидани ин шартнома шуда метавонад.

Шартномаи пасандози бонкӣ бо шарти тибқи талаби аввалини амонатгузор додани пасандоз (пасандози талаб карда гирифташаванда) ё тибқи шарти баргардонидани пасандоз бо гузашти мӯҳлати дар шартнома муқарраргардида (пасандози мӯҳлатнок) баста мешавад.

Дар шартнома гузоштани пасандоз таҳти шарти бо тартиби дигар баргардонидани он, ки хилофи қонунҳо намебошад, пешбинӣ гардиданаш мумкин аст.

Тибқи шартномаи пасандози бонкии навъи мухталиф бонк ӯҳдадор аст маблағи пасандоз ё як қисми онро бо талаботи аввалини амонатгузор, ба истиснои пасандозҳои тахти шартҳои дигари баргардонидани онҳо гузоштаи ашхоси ҳуқуқӣ, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, диҳад.

Шартҳои шартнома дар бораи рад кардани ҳуқуқ барои бо талаби аввалин гирифтани пасандоз эътибор надорад.

Дар ҳолатҳое ки пасандози мӯҳлатнок ё дигар пасандоз, ки аз пасандози тибқи талаб гирифташаванда фарқ мекунад, ба амонатгузор мувофиқи талаби ӯ то гузаштани мӯҳлат ё то фаро расидани мӯҳлатҳои дар шартнома зикргардида баргардонида мешавад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фоизҳои пасандоз ба андозаи баробар ба андозаи фоизе, ки бонк тибқи пасандози мувофиқи талаб гирифташаванда мепардозад, пардохта мешавад.

Дар ҳолатҳое ки амонатгузор баргардонидани маблағи пасандози мӯҳлатнокро бо гузашти мӯҳлат ё маблағи пасандозеро, ки бо дигар шарти баргардонидан бо фарорасии ҳолатҳои дар шартнома пешбинигардида талаб намекунад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шартнома тибқи шартҳои пасандози талаб карда гирифташаванда тамдидгардида ҳисобида мешавад.

Бонк ба маблағҳои пулии амонатгузор ба андозаи муайяннамудани шартнома фоиз мепардозад.

Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шарт оид ба андозаи фоизҳои пардохтшаванда, бонк вазифадор аст фоизҳоро дар ҳаҷми мутобиқи қисми 1 моддаи 829 ҳамин Кодекс муайянгардида пардозад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи тибқи пасандози талаб карда гирифтан пардохташавандаро тағйир диҳад.

Дар сурати аз ҷониби бонк кам кардани андозаи фоиз, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, андозаи нави фоизҳо нисбат ба пасандозҳое истифода бурда мешавад, ки то лаҳзаи иттилоъ додани амонатгузор дар мавриди кам кардани фоиз бо гузашти як моҳ аз лаҳзаи додани чунин иттилоот, гузаронида шудаанд.

Андозаи фоизи дар шартнома муқарраршуда ба пасандозе, ки тибқи шартҳои баргардонидани он бо гузашти мӯҳлати муайян ё фарорасии ҳолатҳои дар шартнома пешбинигардида гузаронида шудааст, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, наметавонад аз ҷониби бонк якҷониба кам карда шавад.

Фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ аз рӯзи баъди рӯзи ба бонк ворид шудани он фарорасанда то рӯзи ба амонатгузор баргардонидани он ё аз ҳисоби амонатгузор тибқи дигар асосҳо баровардани пасандоз ҳисоб карда мешавад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ ба амонатгузор тибқи талаби ӯ бо гузашти ҳар як семоҳа, алоҳида аз маблағи пасандоз пардохта шуда, фоизҳои дар ин

мӯҳлат талаб карда гирифтанашуда бошад маблағҳои пасандози ба он фоизҳо замшавандаро афзун менамоянд. Ҳангоми баргардонидани пасандоз ҳамаи фоизҳои то ин лаҳза замгардида пардохта мешаванд.

Восита ва усулҳое, ки бонк вазифадор аст барои таъмини баргардонидани пасандозҳои қабулкардааш истифода барад, тибқи қонун ё шартнома муайян карда мешавад.

Бонк ӯҳдадор аст бо талаби амонатгузор дар мавриди таъмини баргардонидани пасандоз маълумот диҳад.

Ҳангоми аз ҷониби бонк иҷро накардани ӯҳдадории таъмини баргардондани пасандоз, инчунин ҳангоми гум кардани таъмин ё бадтар кардани шартҳои он амонатгузор ҳуқуқ дорад аз бонк фавран баргардонидани маблағи пасандоз, пардохти фоизҳо ва ҷуброни зарари расонидашударо мутобиқи моддаи 829 ҳамин Кодекс талаб намояд.

Дар сурати аз ҷониби бонк иҷро накардани талаботи амонатгузор дар мавриди баргардонидани пасандоз ё як қисми он дар мӯҳлатҳое, ки моддаи 861 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, сарфи назар аз пардохти фоизҳо ба пасандоз, бонк вазифадор аст мутобиқи моддаи 426 ҳамин Кодекс зарари расонидашударо ҷуброн намояд.

Агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба пасандоз маблағҳое, ки ба бонк ба номи амонатгузор аз ашхоси сеюм бо зикри маълумотҳои зарурӣ дар мавриди суратҳисоби ӯ вобаста ба пасандоз ворид гардидаанд, гузаронида мешавад. Дар айни замон чунин эҳтимол меравад, ки амонатгузор барои аз шахси сеюм гирифтани маблағи пулӣ розигӣ изҳор кардааст ва ба ӯ оид ба пасандози худ дар суратҳисоб маълумоти зарурӣ додааст.

Пасандоз метавонад ба бонк ба номи шахси сеюми муайян гузаронида шавад. Зикри номи шаҳрванд (моддаи 20) ё номи шахси ҳуқуқӣ (моддаи 55), ки ба манфиати он пасандоз гузаронида шудааст, шарти муҳими шартномаи дахлдори бонкӣ мебошад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ашхоси сеюме, ки ба номаш пасандоз гузошта шудааст, аз лаҳзаи ба номаш ворид шудани маблағ ҳуқуқи амонатгузорро пайдо мекунад.

Шартномаи пасандози бонкӣ ба манфиати шаҳрванде, ки то лаҳзаи бастани шартнома фавтидааст ё шахси ҳуқуқии то ҳамин лаҳза вуҷуднадошта қурб надорад.

То лаҳзаи аз ҷониби шахси сеюм изҳор кардани нияти истифодаи ҳуқуқи амонатгузор шахсе, ки шартномаи пасандози бонкиро бастааст, метавонад аз ҳуқуқи амонатгузор вобаста ба воситаҳои пулие, ки ба суратҳисоб тибқи пасандоз гузаронидааст, истифода барад.

Агар ашхоси сеюме, ки ба номаш пасандоз ворид гаштааст, аз пасандоз даст кашад, шахси ба номи шахси сеюм шартномаи пасандози бонкӣ баста, ҳуқуқ дорад пасандозро пас талаб карда гирад ё ки онро ба номи худ ё ба номи шахси дигар гузаронад.

Қоидаҳо оид ба шартнома ба манфиати шахси сеюм (моддаи 462) нисбат ба шарномаи пасандози бонкӣ ба манфиати шахси сеюм, агар он хилофи қоидаҳои ҳамин модда ва моҳияти пасандози бонкӣ набошад, татбиқ мегардад.

Агар дар созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бастани шартномаи пасандози бонкӣ бо шаҳрванд ва ба суратҳисоби ӯ гузаронидани маблағ тибқи пасандоз бо дафтарчаи амонат тасдиқ карда мешавад.

Дар дафтарчаи амонат бояд аз ҷониби бонк ном ва маҳалли ҷойгиршавии бонк (моддаи 55) ё филиали дахлдори он, инчунин рақами суратҳисоб тибқи пасандоз, ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоб дохил шудаанд, ҳамаи маблағҳои пулие, ки аз суратҳисоб хориҷ карда шудаанд ва бақияи маблағҳои пулӣ дар суратҳисоб дар лаҳзаи ба бонк пешниҳод кардани дафтарчаи амонатӣ сабт ва тасдиқ карда шавад.

Бо сабаби исбот нашудани ҳолати дигари пасандоз, маълумот оид ба пасандози дар дафтарчаи амонат сабтгардида барои ҳисобу китоби вобаста ба пасандоз байни бонк ва амонатгузор асос буда метавонад.

Шартномаи пасандози бонк метавонад додани дафтарчаи амонатии номӣ ё дафтарчаи амонатии манзуркунандаро пешбинӣ намояд. Дафтарчаи амонатии манзуркунанда коғази қиматнок мебошад.

Додани пасандоз, пардохти фоизҳо ва иҷрои супориши амонатгузор дар мавриди гузаронидани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби пасандоз ба дигар шахс аз ҷониби бонк ҳангоми пешниҳоди дафтарчаи амонат анҷом дода мешавад.

Агар дафтарчаи амонати номӣ гум шуда бошад ё ба ҳолате расонида шуда бошад, ки шоистаи пешниҳод нест, бонк тибқи аризаи амонатгузор ба ӯ дафтарчаи амонати нав медиҳад.

Барқарор кардани ҳуқуқ ба дафтарчаи амонатии манзуркунанда тибқи тартиби барои коғазҳои қиматнок ба манзуркунанда пешбинигардида анҷом дода мешавад.

Вобаста ба намуд, хусусият ва самти фаъолият амалиёти бонкӣ муайян карда мешавад. Хизматрасониҳо ба 3 категория ҷудо карда мешаванд:

*1. Барои шахсони воқеӣ;*
*2. Барои ташкилот ва шахсони ҳуқуқӣ;*
*3. Барои бонкҳо.*

Дар навбати худ хизматрасонӣ барои шахсони воқеӣ дорои чунин зергурӯҳҳо аст:

*1. Пардохтҳои депозитӣ;*
*2. Кушодан ва хизматрасонии минбаъдаи суратҳисобҳо;*
*3. Қарздиҳӣ;*
*4. Ҳисоббаробаркунии кассавӣ;*
*5. Корти пластикӣ;*
*6. Интиқоли пулӣ;*
*7. Қабули пардохт;*

*8. Чекҳои нақлиётӣ;*

*9. Иҷораи сейфҳои фардӣ.*

Хизматрасонӣ барои ташкилот ва шахсони ҳуқуқӣ бошад дорои чунин зернамудҳо аст:

*1. Қарздиҳӣ;*

*2. Маҳсулоти депозитӣ;*

*3. Кушодан ва хизматрасонии суратҳисоб;*

*4. Нақшаи мизоҷ – бонк, яъне идоракунии суратҳисоби худ дар утоқи корӣ;*

*5. Кортҳои пластикӣ;*

*6. Сармоягузорӣ;*

*7. Факторинг;*

*8. Амалиётҳои байналмиллалӣ бо пул;*

*9. Инкассатсия;*

Ба хизматрасонӣ барои бонк бошад чунин намудҳои хизматрасониҳо дохил мешаванд:

*1. Молиякунонии байналмиллалӣ;*

*2. Суратҳисоби корреспондентӣ;*

*3. Амалиёти кассавӣ;*

*4. Пешниҳоди кафолат;*

*5. Баровардани облигатсия;*

*6. Хизматрасонӣ оид ба нигоҳдорӣ;*

*7. Хизматрасонӣ оид ба интиқоли маблағ.*

Ба намудҳои махсуси хизматрасонии бонкӣ 3 намуди амалиёт, ки бонкҳо ба анҷом мерасонанд, дохил мешаванд;

*1. Депозитӣ, яъне мизоҷ ба бонк маблағро ҷойгир намуда аз он фоидаи иловагӣ мегирад.*

*2. Амалиёти кредитӣ, яъне мизоҷ аз бонк пул мегирад ва бонк аз ин амалиёт фоида ба даст меорад;*

*3. Амалиёти ҳисоббаробаркунӣ, яъне дар бонк суратҳисоб кушода мешавад ва тавассути ин суратҳисоб музди меҳнат, андоз ва ғайраҳо пардохт мешаванд.*

Ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро устуворона ва оқилона, мутобиқи талаботи Қонуни мазкур, меъёрҳои байналмилалии идоракунии корпоративӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷозатномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

Ташкилотҳои қарзӣ бояд:

- кифоятии сармоя ва пардохтпазириро нигоҳ доранд;
- ҳангоми пастшавии арзиши дороиҳо фонди ҷуброни талафоти имконпазирро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил намоянд;
- ҳисобдории мувофиқ ва дигар баҳисобгириро ба роҳ монанд;
- назорати мукаммал ва самаранокро аз рӯи хавфҳо амалӣ намоянд;
- барои иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳо ва ҷуброни зиён захираи кофӣ дошта бошанд;

- бо мақсади кам кардани хавфҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон низоми худии идоракунии хавфҳо ва назорати дохилиро ташкил намоянд;

- дороиҳои худро вобаста аз хавфи зиён мураттаб созанд.

Ташкилотҳои қарзӣ набояд сохторҳои гурӯҳиеро, ки ба амалӣ кардани назорати босамар монеъ мегарданд, ташкил кунанд. Бонки миллии Тоҷикистон қоидаҳоро барои ҷамъияти вобастаи ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла талабот ба аҳдҳои байни ташкилоти қарзӣ ва ҳар гуна ҷамъиятҳои вобастаи онро, ки ҳангоми таҳия ва ҷамъбасти ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд, муқаррар мекунад.

Бонки миллии Тоҷикистон талаботеро, ки мутобиқи меъёрҳои боби мазкур барои ташкилотҳои қарзии ватанӣ муқаррар шудаанд, нисбат ба филиалҳои бонкҳои хориҷӣ низ татбиқ менамояд.

Агар ба раиси ташкилоти қарзӣ маълум гардад, ки меъёри кифоятии сармояи ташкилоти қарзӣ аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон кам гардидааст, ӯ бояд дар ин хусус дар шакли хаттӣ фавран ба Бонки миллии Тоҷикистон хабар диҳад.

Мафҳумҳои асосие, ки бо хизматрасонии бонкӣ ё фаъолияти бонкӣ алоқаманд мебошанд, инҳоянд:

- фаъолияти бонкӣ - аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст;

- низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда;

- ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;

- бонк – ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад;

- ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ – ташкилотҳои қарзие, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро доранд. Номгӯи амалиёти бонкиро барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- бонки фаръӣ – бонке, ки зиёда аз панҷоҳ фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи он ба бонки дигар тааллуқ дорад;

- кормандони роҳбарикунанда – раиси ташкилоти қарзӣ ва муовинони ӯ, раиси раёсат ва аъзои дигари он, сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ, инчунин роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти қарзӣ , аз ҷумла филиали бонки хориҷӣ;

- ҷамъияти ҳолдингии ташкилоти қарзӣ– шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзӣ ба ӯ тааллуқ дорад ё аз ҷониби ӯ назорат карда мешавад;

- ҷамъияти вобаста – шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзиро назорат мекунад, ҳамчунин ҳар гуна шахси ҳуқуқии дигаре, ки аз тарафи ин шахси ҳуқуқӣ назорат карда мешавад, аз ҷумла шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба ин гурӯҳ дохил мешавад;

- ваколати назоратӣ аз болои шахси ҳуқуқии дигар – ваколатҳои шахсест, ки:

а) ба таври мустақим ё ғайримустақим, тавассути як ё якчанд шахс молик, назораткунанда ё дорандаи 25 фоиз ё бештар аз он саҳмияҳои овоздиҳанда ва ё ҳиссаҳои шахси ҳуқуқӣ бошад;

б) ваколати интихоби аксарияти роҳбарони шахси ҳуқуқиро дошта бошад;

в) дорои ваколати назоратии дигаре бошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст.

- филиал – воҳиди махсуси сохтории ташкилоти қарзӣ, ки берун аз маҳали ҷойгиршавии он қарор дошта, аз номи он пурра ё қисман фаъолияти бонкиро иҷро менамояд ва бо ташкилоти қарзӣ сармояи оинномавӣ ва тавозуни ягона дорад;

- филиали бонки хориҷӣ – воҳиди махсуси сохторӣ, ки аз ҷониби бонки хориҷӣ барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

- намояндагӣ – воҳиди махсуси сохтории ташкилоти қарзӣ, ки берун аз маҳали ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиатҳои онро ҳифз ва намояндагӣ мекунад ва ягон намуди фаъолияти бонкиро иҷро наменамояд;

-қарз - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст;

- амонат - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;

- пасандоз - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

- резидентҳо – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» эътироф шудаанд;

- ғайрирезидентҳо - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент намебошанд;

- шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод- шахси воқеие, ки:

а) бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноятҳои қасдонаи (аз ҷумла хусусияти коррупсионӣ дошта) ба амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда аз озодӣ маҳрум нашуда бошад;

б) аз тарафи суд дар давоми ҳафт соли охир муфлис эътироф нашуда бошад;

в) аз тарафи суд барои кирдори амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда, аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян маҳрум нашуда бошад;

- ҳиссаи иштироки афзалиятнок - ҳиссаи иштироки бевосита ё бавоситаи шахсе, ки мустақилона ё тавассути ягон кас ё якҷоя бо як ё

бештар шахсон дорои зиёда аз даҳ фоизи сармояи оинномавӣ ё саҳмияҳои овоздиҳандаи ташкилоти қарзӣ мебошад ё ҳиссаи иштироки афзалиятноке, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст;

- шахси вобаста – шахсони зерин дар назар дошта мешаванд:

а) корманди роҳбарикунанда;

б) аъзои оилаи корманди роҳбарикунанда;

в) шахс ва аъзои оилаи ӯ, ки дар ташкилоти қарзӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок дорад ва ҳар гуна шахси ҳуқуқие, ки дар он шахс ё корманди роҳбарикунанда дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок мебошад;

г) шахси ҳуқуқие, ки дар он ташкилоти қарзӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок дошта, ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ ба инобат гирифта намешавад;

- меъёрҳои мақбул – меъёрҳои иқтисодие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ муқаррар гардида, риояи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад ;

- форфейтинг - маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ бо роҳи баҳисобгирии векселҳо бидуни ӯҳдадории фурӯшанда.

- факторинг- маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ.

## МАВЗУЪИ №4
## МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ

Суратҳисоби бонкӣ – суратҳисобе мебошад, ки аз ҷониби бонк барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушода шуда, ҷиҳати иштироки онҳо дар муомилоти пулии ғайринақдӣ ва нигоҳдории маблағҳои пулӣ бо мақсади истифодабарии мақсаднок равона гардидааст.

Дар айни ҳол чунин намудҳои суратҳисоби бонкӣ ҷой доранд:

*1. Суратҳисоби буҷетӣ;*
*2. Суратҳисоби асъорӣ;*
*3. Суратҳисоби суғурташуда;*
*4. Суратҳисоби ҷамъшаванда;*
*5. Суратҳисоби умумӣ;*
*6. Суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ;*
*7. Суратҳисоби амонатӣ;*
*8. Суратҳисоби ҷорӣ;*
*9. Суратҳисоби корреспондентӣ ва ғайра.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 беш аз 20 номгӯи суратҳисобҳои бонкӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ҳар як суратҳисоб дорои рақами мушаххасе мебошад, ки дар он иттилоот дар бораи хусусиятҳои ин суратҳисоб ҷойгир шудааст. Ҳар як рақами суратҳисоби бонкӣ ифодакунандаи ному насаби мизоҷ, намуди суратҳисоб, хусусиятҳои интиқолии маблағ ва ҳисоббаробаркунӣ мебошад. Рақами суратҳисоби бонкиро метавонем ба 5 гурӯҳ ҷудо намоем:

*1. Суратҳисоби бонкӣ, ки аз 5 фасл иборат мебошад. Он ба суратҳисоби таркиби дуюм, ки дар он маблағ ҷойгир аст, ишора менамояд; қоидаҳои интихоби суратҳисоби тавозуни мушаххас тавассути нақшаи суратҳисоб танзим карда мешавад. Суратҳисоби тавозунӣ – мақсади ҷой доштани суратҳисобро ифода менамояд. Масалан, суратҳисоби ҳисоббаробаркунии шахси ҳуқуқии тиҷоратии ғайридавлатӣ ва ё суратҳисоби хусусӣ, ки барои ғайрирезидентҳо дар давоми 181 рӯз хизмат менамояд.*

*2. Суратҳисобе, ки аз 3 нишона иборат мебошад. Ҳамчун ифодакунандаи асъор дар он муомилоти асъорӣ мутобиқи классификатсияи асъор ба амал баровarda мешавад;*

*3. Суратҳисобе, ки аз 1 нишона ва мазмун иборат буда, ифодакунандаи рақамҳои суратҳисоб мебошад. Ба бонке, ки дар он суратҳисоб ҷойгир аст, ишора мекунад;*

*4. Суратҳисобе, ки аз 4 фасл иборат буда, ифодакунандаи филиал ё намояндагии бонк аст ва тавассути он сиёсати суратҳисоби бонкӣ муайян карда мешавад;*

*5. Суратҳисобе, ки аз 7 рақам иборат мебошад. Дорои зерсуратҳисобҳо аст, ки онҳо ба суратҳисоби тавозунӣ алоқамандand.*

Барои кушодани суратҳисоб дар бонк аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ чунин ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда мешаванд:

*1. Ариза тибқи намунаи муқаррарнамудаи бонк;*

*2. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;*

*3. Ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба монанди нусхаи оинномa, шартнома ва суратмаҷлиси муассисон бо мақсади таъсиси шахси ҳуқуқӣ;*

*4. Бонки намунавӣ бо дарҷи мӯҳр ва имзои роҳбари ташкилот, ки аз ҷониби нотариат тасдиқ шудааст;*

*5. Маълумотнома аз мақомоти андоз дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;*

*6. Маълумотнома аз Агентии давлатии суғуртаи нафақа;*

*7. Маълумотнома аз Агентии омор.*

Барои кушодани суратҳисоби бонкӣ байни мизоҷ ва бонк шартнома ба имзо расонида мешавад, аммо маҳдудият ҷиҳати бастани шартнома танҳо бо як бонк ҷой надорад. Яъне як шахси ҳуқуқӣ метавонад дар як ё якчанд бонк суратҳисоб кушояд. Шартҳои ҳамкорӣ бо бонк васеъ мебошад ва аз ин рӯ онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тасниф менамоянд:

*1. Шартҳои махсус ва универсалӣ;*

*2. Вобаста ба намуди асъор;*

*3. Шартҳо вобаста ба таъиноти мақсадноки мизоҷ;*

*4. Шартҳо вобаста ба ҷамъоварӣ ва ё истифодабарӣ.*

Суратҳисоби ғайрифаъол.

Суратҳисоби бонкие, ки соҳибаш дар давоми даҳ соли охир ба он ягон хел таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст, ба истисноси суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ, суратҳисоби ғайрифаъол дониста шуда, маблағи он бо риояи қоидаҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда нигоҳ дошта мешавад. .( ҚҶТ аз 26.12.11с.№782)

Ташкилоти қарзӣ дар рӯзи аввали кории солиояндаи тақвимӣ ба соҳиби суратҳисоби ғайрифаъол ба нишонии охирини маълумбудаи вай тавассути почта огоҳинома ирсол намуда, ҳамзамон дар на камтар аз ду рӯзномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи соҳиби суратҳисоби ғайрифаъол эълон медиҳад. Агар соҳиби суратҳисоби ғайрифаъол дар давоми як моҳи баъди ирсоли огоҳинома ва нашри эълон аз худ дарак надиҳад, ташкилоти қарзӣ суратҳисоби ғайрифаъолро баста, маблағи онро барои нигоҳдории минбаъда ба суратҳисоби махсуси дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда интиқол медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон маблағҳои суратҳисоби махсусро ба коғазҳои қиматноки давлатӣ ва дар ҳолати набудани онҳо ба дигар коғазҳои қиматнок сармоягузорӣ мекунад. Дар давоми 20 соли дигар ҳар як шахс, бо далели тасдиқкунандаи соҳибият ба ин маблағҳо, метавонад ба Бонки миллии Тоҷикистон барои гирифтани онҳо муроҷиат намояд. Баъди ба охир расидани давраи мазкур Бонки миллии Тоҷикистон маблағи дархостнашудаи чунин суратҳисобро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои ба амонат нигоҳ доштан дар Хазинадории давлатӣ мегузаронад.

## МАВЗУЪИ №5
## БАРАСМИЯТДАРОРИИ СУРАТҲИСОБ ДАР БОНК

Тибқи шартномаи суратҳисоби бонк як тараф (бонк) ё дигар муассисаи кредитӣ (минбаъд – «бонк») ӯҳдадор мешавад, ки маблағи пулии ба суратҳисоби тарафи дигар (молики суратҳисоб) воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши молики суратҳисобро дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидан ва пардохти маблағҳои дахлдор ва вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани дигар амалиётро анҷом диҳад.

Бонк метавонад маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонк мавҷудбудаи молики суратҳисобро бо кафолати вуҷуд доштани он ҳангоми пешниҳоди талабот ба суратҳисоб ва ҳуқуқи молики онро бидуни мамоният ихтиёрдорӣ кардани ин маблағҳо дар доираи маблағҳои дар суратҳисоб буда истифода барад.

Молики суратҳисоб маблағҳои пулии худро, ки дар суратҳисоби бонк мавҷуд аст, мустақилона ихтиёрдорӣ мекунад.

Бонк ҳуқуқ надорад самти истифодаи воситаҳои пулии молики суратҳисобро таъин ва назорат кунад ва ё дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқи ӯро дар мавриди тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ, ки дар қонун ё дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, муқаррар намояд.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Риоя накардани шакли хаттии шартномаи суратҳисоби бонкӣ боиси беэътибор донистани ин шартнома мегардад. Чунин шартнома қурб надорад.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бо роҳи аз ҷониби бонк тибқи шартҳои аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда ба муштарӣ ё шахси зикрнамудаи ӯ кушодани суратҳисоб дар бонк баста мешавад.

Ашхоси ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон барои суратҳисоби ҷории худ ва таъмини кассавӣ мустақилона бонкро интихоб менамоянд ва метавонанд бо як ё якчанд бонкҳо шартномаи суратҳисоби бонкӣ банданд.

Бонк вазифадор аст бо муштарие, ки тибқи шартҳои барои кушодани чунин навъи суратҳисоб эълонкардаи бонк бо пешниҳоди кушодани сураҳ[исоби ба талаботи пешбининамудаи қонун ва қоидаҳои мутобиқи онҳо қабулнамудаи бонк мувофиқ муроҷиат намудааст, суратҳисоб кушояд.

Бонк ҳуқуқ надорад кушодани суратҳисоб, анҷом додани амалиёти дахлдорро, ки қонун, ҳуҷҷатҳои муассисии бонк ва иҷозатнома (литсензия)-и ба ӯ додашуда пешбинӣ намудааст, ба истисноии ҳолатҳое, ки чунин саркашӣ бо сабаби дар бонк мавҷуд набудани имконияти фароҳам овардани хизматрасонии бонкӣ ба миён омадааст, рад намояд.

Ҳангоми беасос аз бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ саркашӣ намудани бонк муштарӣ ҳуқуқ дорад ба ӯ талаботи пешбининамудаи қисми 4 моддаи 477 ҳамин Кодексро пешниҳод намояд.

Ҳуқуқи ихтиёрдории ашхосе, ки аз номи молики суратҳисоб дар мавриди гузаронидан ё додани маблағҳо аз суратҳисоб анҷом медиҳанд, аз ҷониби молики он бо роҳи ба бонк пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки қонун, қоидаҳои мутобиқи он муқаррарнамудаи бонк ва шартнома пешбинӣ намудаанд, тасдиқ карда мешаванд.

Молики суратҳисоб метавонад ба бонк дар мавриди аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ тибқи талаботи ашхоси сеюм, аз ҷумла вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби муштарӣ дар назди ин ашхос супориш диҳад. Бонк ин супоришро бо шарти дар он дар шакли хаттӣ зикр намудани маълумоти зарурие, ки имкон медиҳад ҳангоми пешниҳоди талаботи дахлдор шахси барои чунин пешниҳод ҳуқуқдоштаро ҳаммонанд созад ва хусусият ва асосҳои чунин талабро муқаррар намояд, қабул мекунад.

Дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ метавонад тасдиқи ҳуқуқ оид ба ихтиёрдории маблағҳои пулии дар суратҳисобҳо мавҷудбуда бо усули электронии пардохт ва дигар ҳуҷҷатҳо бо истифодаи имзои шабеҳи шахсӣ дар онҳо (қисми 2 моддаи 185) код, рамз ва дигар воситаҳо, ки аз ҷониби шахси барои ин кор ваколатдор дода шудани онро тасдиқ менамояд, пешбинӣ карда шавад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бонк вазифадор аст маблағҳои пулии воридшударо қабул кунад ва ба суратҳисоб дохил намуда, супориши молики онро дар бораи гузаронидан ва додани маблағҳои пулӣ бо усули анҷом додани амалиёти барои чунин навъи суратҳисобҳо пешбининамудаи қонунҳо, қоидаҳои тибқи онҳо қабулнамудаи бонкҳо ва анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашавандаро анҷом диҳад.

Бонк вазифадор аст тибқи супориши молики он на дертар аз як рӯзи баъд аз рӯзи ба бонк ворид гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори пардохт фарорасида, агар дар шартнома мӯҳлати дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблахои пулии воридшударо ба суратҳисоб гузаронад, онро диҳад ё онро аз суратҳисоб барорад.

Дар ҳолатҳое ки агар тибқи шартнома бонк пардохтҳоро мувофиқи талабот ба молики суратҳисоб анҷом медиҳад, ҳарчанд дар суратҳисоби ӯ маблағҳои пулӣ мавҷуд набошанд, бонк аз рӯзи анҷом додани пардохт ба муштарӣ ба маблағи дахлдор кредитдода (кредитонии суратҳисоб) ба шумор меравад.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо вобаста ба кредитонии суратҳисоб, агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, тибқи қоидаҳо дар бораи қарз (моддаҳои 827-830, 833) муайян карда мешавад.

Молики суратҳисоб хизматрасонии бонкро ҷиҳати анҷом додани амалиёт бо маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома мепардозад.

Дар ҳолатҳое, ки агар нархи хизматрасонии бонк оид ба анҷом додани амалиётҳои зикргардида дар шартнома муайян нашудаанд, пардохти хизматрасонӣ тибқи моддаи 456 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

Пардохти хизматрасонии бонк, ки қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ намудааст, аз ҷониби бонк аз маблағҳои пулии молики суратҳисоб, ки дар суратҳисоби ӯ мавҷуд аст, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бо гузашти ҳар семоҳа ситонида мешавад.

Агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, барои истифодаи маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда бонк ба молики он фоиз мепардозад, ки маблағи он ба суратҳисоб гузаронида мешавад.

Фоизҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида аз ҷониби бонк тибқи андозае, ки дар шартнома муайян гардидааст ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳои дахлдор ба андозае, ки маъмулан бонк ба пасандозҳои талаб карда гирифташаванда (моддаи 859) мепардозад, пардохта мешавад.

Маблағи фоизҳо тибқи мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома ва дар ҳолатҳои дар шартнома пешбинӣ нагардидани чунин мӯҳлатҳо бо гузашти ҳар семоҳа ба суратҳисоб гузаронида мешавад.

Талаботи пулии бонк ба молики суратҳисоб вобаста ба кредитонии суратҳисоб (моддаи 874) ва пардохти хизматрасонии бонк (моддаи 875), инчунин талаботи молики суратҳисоб ба бонк дар мавриди пардохти фоиз барои истифодаи маблағҳои пулӣ (моддаи 876), агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бо баҳисобгирӣ (моддаи 442) қатъ мегардад.

Баҳисобгирии талаботи дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида аз ҷониби бонке, ки вазифадор аст молики суратҳисобро дар бораи баҳисобгирии анҷомдодашуда тибқи тартиб ва мӯҳлати дар шартнома пешбинигардида оғоз созад ва агар шартҳои дахлдор аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нашуда бошад, тибқи тартиб ва мӯҳлати барои амалияи бонкӣ маъмулии додани иттилоот оид ба вазъи воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби дахлдор аҷхом дода мешавад.

Аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб дар асоси супориши молики он анҷом дода мешавад.

Бидуни супориши муштарӣ аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда танҳо бо қарори суд, инчунин ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ё шартномаи байни бонк ва муштарӣ иҷозат дода мешавад (ҚҶТ аз 3.05.02с №5).

Ҳангоми дар суратҳисоб мавҷуд будани маблағҳои пулие, ки он барои қонеъ гардонидани тамоми талаботи ба молики суратҳисоб пешниҳодшуда кофӣ мебошад, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, аз ҳисоб баровардани ин маблағҳо аз суратҳисоби ӯ бо тартиби ворид гардидани супориши молики суратҳисоб ва дигар ҳуҷҷатҳои аз ҳисоббарорӣ (аз рӯи навбати тақвимӣ) сурат мегирад.

Ҳангоми барои қонеъгардонии ҳамаи талаботи нисбат ба молики суратҳисоб пешбинишуда нокифоя будани маблағҳои пулии суратҳисоб аз

ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ тибқи тартиби зайл анҷом дода мешавад:

- дар навбати аввал аз ҳисоб баровардан аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷро ҷиҳати маблағгузаронӣ ё додани маблағи пулро аз суратҳисоб оиди қонеъгардонии талаботи ҷуброни зарар, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расонида шудааст пешбинӣ менамояд, инчунин талабот оид ба ситонидани алимент ва ҳифзи манфиатҳои гаравгир;

- дар навбати дуюм аз ҳисоб баровардан аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷро барои ҳисобу китоб оид ба пардохти маблағи барои аз кор рафтан ва пардохти музди меҳнат ба ашхоси тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод коркунандаро, ки маблағгузаронӣ ё додани маблағи пулиро, инчунин оид ба пардохти подошпулӣ тибқи шартномаи муаллифиро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати сеюм аз ҳисоб баровардан аз рӯи ҳуҷҷатҳои пардохт, ки пардохт ба фондҳои буҷетро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати чорум аз ҳисоб баровардан аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷро, ки қонеъ гардонидани дигар талаботи пулиро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати панҷум аз ҳисоб баровардан аз рӯи дигар ҳуҷҷатҳои пардохт тибқи тартиби навбати тақвимӣ.

Аз ҳисоб баровардани маблағҳо аз суратҳисоб тибқи талаботи марбут ба як навбат мувофиқи тартиби навбати тақвимӣ ворид гардидани ҳуҷҷатҳо анҷом дода мешавад.

Дар ҳолатҳои сари вақт анҷом надодани амалиёти гузаронидани маблағҳои пулии воридшуда ба суратҳисоби молик ё беасос аз ҳисоби суратҳисоб баровардани маблағҳо бонк вазифадор аст, тибқи талаби молики суратҳисоб маблағи дахлдорро ба суратҳисоб гузаронад.

Бонк инчунин барои сари вақт нагузаронидан ё беасос аз ҳисоб баровардани маблағ ӯҳдадор аст фоиз супорад ва мутобиқи моддаи 426 ҳамин Кодекс зарари расонидашударо ҷуброн намояд. Бонк инчунин барои сари вақт аз суратҳисоб надодани маблағ ва сари вақт иҷро накардан фармоиши молики суратҳисоб дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидани маблағ масъулият дорад.

Бонк махфӣ будани суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо вобаста ба он ва маълумот оид ба молики суратҳисобро кафолат медиҳад.

Маълумот оид ба амалиёт ва суратҳисобҳо метавонанд танҳо ба соҳибони суратҳисоб ё намояндагони онҳо, инчунин судҳо, мақомоти тафтиш ва мақомоти таҳқиқ оид ба парвандаҳои таҳти пешбурдашон қарордошта, дар сурате ки агар маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда тавқиф карда шавад, аз он ҷарима ситонида шавад ё ин маблағҳо бояд мусодира гардад, пешниҳод шуданашон мумкин аст.

Чунин маълумот метавонад, инчунин аз ҷониби нотариус вобаста ба парвандаҳои меросӣ дар мавриди амволи моликони фавтидаи суратҳисобҳо, ки таҳти пешбурдашон қарор доранд, инчунин ба ашхосе, ки нисбат ба онҳо фавтида ба бонк фармоиши васиятӣ гузоштааст, пешниҳод шуданашон мумкин аст.

Дар сурати аз ҷониби бонк ошкор намудани маълумоте, ки асоси махфӣ будани суратҳисобро ташкил медиҳад, муштарие, ки ҳуқуқи ӯ вайрон шудааст, ҳуқуқ дорад аз бонк ҷуброни зарари расонидашударо талаб кунад.

Маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда танҳо бо қарори суд ё бо қарори мақомоти тафтиш тавқиф карда шуданашон мумкин аст.

Мӯҳлати тавқифи маблағҳои пулӣ, ки дар суратҳисоби бонк мавҷуд аст, наметавонад аз мӯҳлати барои пешбурди парвандаҳои дахлдор муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиавӣ бештар бошад.

Ситонидани маҷбурӣ аз маблағҳои пулии ашхоси ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, ки дар суратҳисоби бонкҳо мавҷуд аст, аз ҷумла ситонидани маҷбурӣ ва мусодира метавонад танҳо дар асоси ҳукм ё қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд анҷом дода шавад.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ метавонад тибқи аризаи молики он дар ҳар лаҳза бекор карда шавад.

Бонк дар сурате, ки агар маблағи воситаҳои пулии дар суратҳисоб мавҷуда аз андозаи ҳадди ақали пешбининамудаи қонун ва қоидаҳои мувофиқи он муқаррарнамудаи бонкҳо ё шартнома камтар бошад, ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи суратҳисоби бонкиро талаб намояд.

Бекор кардани шартнома барои бастани суратҳисоб асос мебошад.

Бақияи маблағҳои пулии суратҳисоб ба молики он баргардонида мешавад ё тибқи дастури ӯ ба дигар суратҳисоб гузаронида мешавад.

Агар дар қонун, санадҳои дигари ҳуқуқӣ ё қоидаҳои мутобиқи онҳо муқаррарнамудаи бонкҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои ҳамин боб ба суратҳисобҳои корреспондентӣ, суратҳисобҳои фаръии (ғайриасосии) корреспондентӣ ва дигар суратҳисобҳои бонк татбиқ мегардад.

Барасмиятдарории суратҳисоб дар бонк аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад:

*1. Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо, ки барои кушодани суратҳисоб зарур аст;*

*2. Огоҳонидани мақомоти андоз оид ба кушодани суратҳисоб дар бонк;*

*3. Пешбурди ҳисоббаробаркунӣ тавассути суратҳисоб;*

Барои кушодани суратҳисоб дар бонк дар даст доштани чунин ҳуҷҷатҳо зарур аст:

*1. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ;*

*2. Иқтибос оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда қайд дар мақомоти Агентии давлатии суғуртаи нафақа ва Агентии омор;*

*3. Нусхаи мӯҳри ташкилот бо тасдиқи нотариалӣ.*

Пеш аз ҳама барои кушодани суратҳисоб зарур аст, ки бонк интихоб карда шавад. Бояд бонке интихоб карда шавад, ки дар наздикии корхонаи шумо ҷойгир бошад, ҳаҷми маблағи хизматрасониаш камтар ва сифати хизматрасониаш баланд бошанд. Ҳар як бонк қоидаҳои кушодани суратҳисоби худро дорад. Аз ин рӯ рӯйхати аниқи ҳуҷҷатҳо бояд аз бонк талаб карда шавад. Барои соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ номгӯи

ҳуҷҷатҳо гуногун мебошанд. Ҳуҷҷатҳое, ки соҳибкори инфиродӣ барои кушодани суратҳисоби бонкӣ пешниҳод менамояд:

*1. Патент ва ё шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ;*

*2. Маълумотнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;*

*3. Маълумотнома дар бораи гирифтани рақами оморӣ;*

*4. Мӯҳри доирашакл агар мавҷуд бошад;*

*5. Шиноснома.*

Ҳуҷҷатҳое, ки шахси ҳуқуқӣ барои кушодани суратҳисоби бонкӣ пешниҳод мекунад:

*1. Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;*

*2. Оиннома ба мӯҳри мақомоти андоз;*

*3. Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ;*

*4. Қарор ва ё суратмаҷлис оид ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва таъини роҳбар;*

*5. Иқтибос аз Агентии омор оид ба рақами оморӣ;*

*6. Ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;*

*7. Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолият ҳангоми амалӣ намудани фаъолияте, ки барои он иҷозатнома зарур аст;*

*8. Ҳуҷҷатҳо оид ба суроғаи шахси ҳуқуқӣ;*

*9. Мӯҳри доирашакли шахси ҳуқуқӣ;*

*10. Шиносномаи мушаххаси шахси ҳуқуқӣ.*

Дар баробари ин ҳуҷҷатҳо мизоҷ бояд шартномаро оид ба кушодани суратҳисоб бо бонк бандад, ки барои он ариза, замима ва ғайра зарур аст. Агар мизоҷ хоҳони амалӣ намудани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар шакли электронӣ бошад вай уҳдадор аст шартномаи хизматрасонии интернетии мизоҷ-бонкро бандад.

Кушодани суратҳисоби бонкӣ барои соҳибкории инфиродӣ ҳатмӣ нест. Аз ин рӯ вай ҳуқуқ дорад ин корро ба анҷом расонад, чунки дар баъзе мавридҳо ба соҳибкори инфиродӣ зарур аст барои бастани шартномаҳои соҳибкорӣ бо дигар соҳибкорон ё ин ки интиқоли маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби бонкӣ истифода барад.

Одатан суратҳисоби бонкӣ дар давоми як то се рӯз кушода мешавад.

## МАВЗУЪИ: №6
## АМАЛИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ БО СУРАТҲИСОБИ МИЗОҶ

Шакли ташкили муомилоти ғайринақдии пардохтӣ низоми пардохт ба ҳисоб меравад. Ҳисоббаробаркунии пулӣ байни шахсони ҳуқуқӣ, ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандон, ҳисоббаробаркунӣ байни муассисаҳои кредитӣ оид ба иҷроиши уҳдадориҳо асоси низоми пардохти давлатро ташкил медиҳад.

Танҳо дар асоси ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ шахсони ҳуқуқӣ чунин амалиётҳоро ба анҷом мерасонанд:

1. *Хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ;*
2. *Амалиёт оид ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳо;*
3. *Додани қарз, гирифтани кредит ва пардохти фоиз барои он;*
4. *Ба анҷом расонидани амалиёт оид ба суғуртакунии ҳаёт, амвол ва дигар таваккалҳо.*

Вазифаи асосии низоми пардохт таъмини муомилоти пулҳои ғайринақдӣ байни субъектони соҳибкорӣ бо мақсади иҷроиши саривақтӣ, мушаххас ва дар ҳаҷми пурраи уҳдадориҳои пардохт мебошад.

Ҳисоббаробаркуние, ки бо гузаштани мӯҳлат ба анҷом расонида мешавад, ҳолати молиявии субъектони ҳисоббаробаркуниро бад мекунад, бовариро аз байн мебарад. Ва мӯътадилии низоми молиявиро халалдор месозад. Аз ин рӯ мизоҷ дар бонк бо суратҳисоби кушода амалиёти ғайринақдӣ ва ё ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро ба роҳ мемонад.

Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути суратҳисоби бонкӣ маънои онро дорад, ки мизоҷ барои анҷом додани амалиётҳои муайян аз хизматрасонии бонкӣ ва дигар ташкилотҳои кредитӣ истифода намуда, тавассути суратҳисоби худ ба дигар субъектон ҳисоббаробаркуниро анҷом медиҳад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дар ҳама бонкҳо суратҳисоб кушояд.

Суратҳисоб дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва ё шартномаи суратҳисоби корреспондентӣ кушода мешавад. Тибқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ - бонк уҳдадор мегардад, ки маблағҳои пулии ба суратҳисоби кушодаи мизоҷ воридшавандаро тибқи супориши мизоҷ ба шахси дигар пардохт намояд ва дигар амалиётҳоро оид ба суратҳисоб анҷом диҳад.

Бонк метавонад маблағҳои дар суратҳисоб ҷойгирбударо истифода намояд ва ба мизоҷ кафолати ихтиёрдории бемамонияти онро пешкаш созад. Бонк ҳуқуқ надорад самти истифодабарии маблағҳои пулиро, ки ба суратҳисоби мизоҷ вобаста аст муайян намояд, назорат кунад ва дигар амалиётҳои маҳдудкунандаи мизоҷро, ки бо қонунгузорӣ манъ карда шудааст, барои ихтиёрдории маблағҳои пулӣ ба иродаи мизоҷ амалӣ намояд. Бонк ҳуқуқ надорад ба муносибатҳои шартномавии мизоҷ дахолат кунад. Иддаои байниҳамдигарии пардохткунанда ва қабулкунандаи маблағҳои пулӣ ғайр аз ҳолати гунаҳгор будани бонк тибқи қонунгузории амалкунанда бе иштироки бонк ҳаллу фасл карда мешавад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 намуди амалиёти ғайринақдиро муқаррар кардааст, ҳар як намуди онро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохт бонк ӯҳдадор мегардад бо супориши муштарӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки дар суратҳисоби ӯ мавҷуданд, маблағи муайяни пулиро ба суратҳисоби шахси зикркардаи муштарӣ дар мӯҳлати муқарраршуда (моддаи 873) ба ин ё он бонк гузаронад.

Шахси дар супоришномаи пардохт зикргардида ба ҳайси маблағгиранда ҳуқуқи аз бонк талаб кардани иҷрои пардохтро, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ҳуқукро қонун ё шартномаи муштарӣ бо бонк пешбинӣ намудааст, ба даст намеорад.

Мӯҳтавои супоришномаи пардохт ва ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунии якҷоя бо он пешниҳодшаванда ва шакли онҳо бояд ба талаботи муқарраркардаи қонун ва қоидаҳои бонкӣ мутобиқат намоянд.

Дар сурати номутобиқатии супоришномаи пардохт ба талаботи дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида бонк метавонад мӯҳтавои супоришномаро аниқ кунад. Чунин дархост баъди гирифтани супоришнома ба пардозанда бояд фавран пешниҳод карда шавад. Дар сурати нагирифтани ҷавоб дар мӯҳлати пешбиникардаи қонун ё қоидаҳои мутобиқи он муқарраркардаи бонк ва ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо, агар дар қонун ва қоидаҳои бонкии дар асоси он муқарраргардида ё шартномаи байни бонк ва пардозанда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар мӯҳлати қобили қабул бонк метавонад супоришномаро бидуни иҷро монад ва онро ба пардозанда баргардонад.

Агар тибқи шартномаи байни муштарӣ ва бонк тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, супоришномаи муштарӣ аз ҷониби бонк ҷиҳати иҷро танҳо дар мавриди дар суратҳисоби муштарӣ вуҷуд доштани маблағ қабул карда мешавад.

Бонке, ки супоришномаи пардохти муштариро қабул мекунад, вазифадор аст маблағи пулии дахлдорро ҷиҳати ворид намудани он ба суратҳисоби шахси дар супоришнома зикргардида ба бонки маблағгиранда дар мӯҳлати дар шартномаи суратҳисобҳои бонкӣ муқарраршуда ва агар дар шартнома мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ ё анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашаванда гузаронад.

Бонк ҳуқуқ дорад дигар бонкҳоро барои иҷрои амалиёти интиқоли маблағи пулӣ ба суратҳисоби дар супоришномаи муштарӣ зикргардида ҷалб намояд.

Агар тибқи шартнома тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, бонк вазифадор аст ба муштарӣ дар хусуси иҷрои супоришнома фавран хабар диҳад.

Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи муштарӣ бонк барои ин вайронкунӣ мутобиқи моддаи 426 ҳамин Кодекс ҷавобгар аст.

Дар ҳолатҳое ки агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришнома бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонки барои иҷрои супоришномаи пардозанда ҷалбгардида рух дода бошад, мутобиқи қисми 1 ҳамин модда суд метавонад масъулиятро ба зиммаи ҳамин бонк гузорад.

Агар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонк боиси нигоҳдории ғайриқонунии маблағи пулӣ гардад, бонк вазифадор аст тибқи тартиб ва андозаи пешбининамудаи моддаи 426 ҳамин Кодекс фоизи онро пардозад.

Дар сурати ҳисоббаробаркунии аккредитив бонке, ки бо супориши пардозанда дар бораи кушодани аккредитив ва мутобиқи дастури ӯ (бонк - эмитент) амал мекунад, ӯҳдадор мешавад пардохтҳоро ба маблағгиранда гузаронад ё пардохт намояд, актсепт кунад ё вексели интиқолиро ба инобат гирад ё ваколати гузаронидани пардохтҳоро ба маблағгиранда ё пардохт намудан, актсепт кардан ё ба инобат гирифтани вексели интиқолиро ба зиммаи бонки дигар (бонки иҷрокунанда) гузорад.

Нисбат ба бонки эмитент, ки пардохтҳоро ба маблағгиранда мегузаронад ё худ пардохт мекунад, аксепт менамояд ё вексели интиқолиро ба инобат мегирад, қоидаҳо оид ба бонки иҷрокунанда истифода бурда мешавад.

Дар ҳолати кушодани аккредитиви пӯшонидашуда (ба депозит гузошташуда) бонки эмитент дар мавриди кушодани он вазифадор аст маблағи аккредитив (пӯшонидани он)-ро аз ҳисоби пардозанда ё кредити ба ӯ пешниҳодшуда барои тамоми мӯҳлати амали ӯҳдадории бонки эмитент ба ихтиёри бонки иҷрокунанда гузаронад.

Дар ҳолати кушодани аккредитиви пӯшониданашуда (кафолатнок) ба бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дода мешавад, аз суратҳисоби бонки эмитент, ки пешбурди онро анҷом медиҳад, ҳамаи маблағи аккредитивро соқит гардонад.

Тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ оид ба аккредитив тибқи қонун, инчунин қоидаҳои бонкии дар асоси он муқарраргардида ва анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашаванда танзим карда мешавад.

Аккредитиве бозхостшаванда эътироф мешавад, ки онро бонки эмитент бидуни огоҳониии пешакии маблағгиранда метавонад тағйир диҳад ё бекор кунад. Бозхости аккредитив ҳеҷ кадом ӯҳдадории бонки эмитентро дар назди маблағгиранда ба вуҷуд намеорад.

Бонки иҷрокунанда вазифадор аст пардохтҳо ва дигар амалиётро оид ба аккредитиви бозхостшаванда анҷом диҳад, агар дар лаҳзаи анҷом додани онҳо дар хусуси тағйир додани шартҳо ё бекор кардани аккредитив огоҳинома нагирифта бошад.

Аккредитиве бозхостнашаванда дониста мешавад, ки бидуни ризоияти маблағгиранда онро бекор кардан мумкин нест.

Тибқи хоҳиши бонки эмитент бонки иҷрокунанда, ки дар гузаронидани амалиёти аккредитиви иштирок дорад, метавонад аккредитиви бозхостнашаванда (аккредитиви кафолатнок)-ро тасдиқ намояд. Ин кафолат чунин маъно дорад, ки бонки иҷрокунанда иловатан ба ӯҳдадории бонки эмитент оид ба анҷом додани пардохт тибқи шартҳои аккредитив ӯҳдадорӣ қабул кардааст.

Аккредитиви кафолатнокро бидуни розигии бонки иҷрокунанда тағйир додан ё бекор кардан мумкин нест.

Ҷиҳати иҷрои аккредитив маблағгиранда ба бонки иҷрокунанда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи иҷрои ҳамаи шартҳои аккредитивро пешниҳод менамояд. Дар сурати вайрон кардани ҳатто яке аз ин шартҳо пардохт аз ҳисоби аккредитив анҷом дода намешавад.

Агар бонки иҷрокунанда мутобиқи шартҳои аккредитив пардохтро ба ҷо орад ё дигар амалиётро анҷом диҳад, бонки эмитент вазифадор аст ба ӯ товони хароҷоти масрафгардидаро тибқи қоидаҳои муқарраршудаи бонкӣ диҳад. Ин хароҷот, инчунин ҳамаи дигар хароҷоти бонки эмитент, ки бо иҷрои аккредитив вобаста аст, аз ҷониби пардозанда пӯшонида мешавад.

Агар бонки иҷрокунанда қабули ҳуҷҷатҳоеро, ки он бо аломатҳои зоҳирӣ ба шартҳои аккредитив мутобиқат намекунад, рад намояд, ӯ вазифадор аст дар ин хусус фавран, бо зикри сабабҳои рад ба маблағгиранда ва бонки эмитент хабар диҳад.

Агар бонки эмитент, ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи бонки иҷрокунандаро гирифта чунин ҳисоб кунад, ки он тибқи аломатҳои зоҳирӣ бо шартҳои аккредитив мутобиқат намекунад, ҳуқуқ дорад қабули онҳоро рад намояд ва аз бонки иҷрокунанда маблағи ба маблағгиранда бо вайрон кардани шартҳои аккредитив пардохташударо талаб намояд ва вобаста ба аккредитиви пӯшониданашуда бошад, метавонад ҷуброни маблағи пардохташударо рад кунад.

Ҳангоми пардохти нодуруст ё радди беасоси пардохти маблағ тибқи аккредитив, ки дар натиҷаи ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қоидаҳои бонкиро вайрон кардани бонки иҷрокунанда рух додааст, бонки иҷрокунанда дар назди бонки эмитент ва дар ҳолатҳое ки иҷрои аккредитивро бонки эмитент амалӣ мегардонад, дар назди пардозанда ҷавобгар мебошад.

Аккредитив дар бонки иҷрокунанда дар ҳолатҳои зайл маҳкам карда мешавад:

1. бо гузашти мӯҳлати аккредитив;

2. тибқи аризаи маблағгиранда дар хусуси радди истифодаи аккредитив то гузаштани мӯҳлати амали он, агар имконияти чунин рад бо шартҳои аккредитив пешбинӣ шуда бошад;

3. тибқи талаби пардозанда дар бораи пурра ё қисман бозхости аккредитив, агар чунин бозхост тибқи шартҳои аккредитив мумкин бошад.

Дар бораи маҳкам кардани аккредитив бонки иҷрокунанда бояд бонки эмитентро огоҳ намояд.

Маблағи истифоданашудаи аккредитиви депозитгардида бояд ҳамзамон бо маҳкам кардани аккредитив ба бонки эмитент баргардонида шавад. Бонки эмитент вазифадор аст маблағи баргардонидашударо ба суратҳисоби пардозанда, ки маблағи ӯ ба депозит гузошта шудааст, ворид намояд.

Ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои супоришномаи инкассавӣ муштарӣ ба бонки худ (бонки эмитент) супоришнома мефиристад, ки аз ҳисоби муштарӣ аз пардозанда гирифтани пардохт анҷом дода шавад.

Бонки эмитенте, ки супоришномаи инкассавӣ гирифтааст, ҳуқуқ дорад барои иҷрои он бонки дигар (бонки иҷрокунанда)-ро ҷалб намояд.

Тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунии супоришномаи инкассавӣ тибқи қонунҳо, қоидаҳои бонкии мутобиқи он таҳиягардида ва анъанаҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ истифодашаванда танзим карда мешавад.

Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи муштарӣ бонки эмитент дар назди он тибқи асосҳо ва андозаи пешбиникардаи боби 24 ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошад.

Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи муштарӣ бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонки иҷрокунанда ба миён омада бошад, ҷавобгарӣ дар назди муштарӣ ба зиммаи ҳамин бонк гузошта шуданаш мумкин аст.

Ҳангоми вуҷуд надоштани ягон ҳуҷҷат ё аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ номутобиқатии ҳуҷҷатҳо ба супоришномаи инкассавӣ бонки иҷрокунанда вазифадор аст аз ин хусус шахсеро, ки аз номи ӯ супоришномаи инкассавӣ гирифтааст, фавран огоҳ созад. Дар ҳолати бартараф нагардидани камбудиҳои зикршуда бонк ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро бидуни иҷро баргардонад.

Ҳуҷҷатҳо ба пардозанда дар ҳамон шакле, ки гирифта шудааст, ба истиснои қайдҳо ва навиштаҷоти бонкҳо, ки барои расмиёти амалиёти инкассавӣ заруранд, баргардонида мешаванд.

Агар ҳуҷҷатҳо бо манзур доштани онҳо мавриди пардохт қарор гирифта бошад, бонки иҷрокунанда бо гирифтани супоришномаи инкассавӣ бояд фавран онро барои пардохт пешниҳод намояд.

Агар ҳуҷҷатҳо дар дигар мӯҳлат пардохта шавад, бонки иҷрокунанда бояд ҷиҳати гирифтани актсепти пардозанда фавран бо гирифтани супоришномаи инкассавӣ ба актсепт ҳуҷҷатҳо пешниҳод намояд ва талаботи пардохт на дертар аз рӯзи фаро расидани мӯҳлати пардохти дар ҳуҷҷатҳо зикргардида бояд қонеъ гардонида шавад.

Пардохтҳо қисман дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ ё ҳангоми мавҷудияти иҷозати махсус дар супоришномаҳои инкассавӣ қабул карда шуданашон мумкин аст.

Бонки иҷрокунанда маблағи гирифта (инкассатсияшуда)-ро бояд фавран ба ихтиёри бонки эмитент, ки вазифадор аст ин маблағро ба суратҳисоби муштарӣ ворид кунад, интиқол диҳад. Бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дорад аз маблағҳои инкассатсияшуда подоши ба ӯ тааллуқдошта ва пардохти хароҷотро нигоҳ дорад.

Агар пардохт ва (ё) аксепт дастрас нагардида бошад, бонки иҷрокунанда вазифадор аст бонки эмитентро дар хусуси радди пардохт ё сабабҳои рад фавран огоҳ созад.

Бонки эмитент вазифадор аст фавран ба муштарӣ хабар диҳад ва вобаста ба амалиёти минбаъда дастур талаб намояд.

Ҳангоми дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ нагирифтани дастур оид ба амалиёти минбаъда ва дар сурати зикр нашудани чунин мӯҳлат - дар мӯҳлати қобили қабул бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро ба бонке, ки аз он супоришномаи инкассавӣ гирифта шуда буд, баргардонад.

Чек коғази қиматнокест, ки дастури бидуни ягон қайду шарти чекдиҳанда ба бонк ҷиҳати ба дорандаи чек анҷом додани пардохти маблағи зикргардидаро дар бар мегирад.

Ба ҳайси пардозандаи чек танҳо бонке метавонад зикр гардад, ки дар он чекдиҳанда маблағ дошта, метавонад онро бо роҳи пешниҳоди чек ихтиёрдорӣ намояд.

Додани чек ӯҳдадории пулиеро, ки ҷиҳати иҷрои он дода шудааст, намепӯшонад. Тартиб ва шарти истифодаи чекҳо дар муомилоти пардохт тибқи ҳамин Кодекс танзим мешавад ва дар қисмати танзимнакардаи он, тибқи дигар қонунҳои ба масъалаҳои ҳуқуқии муносибатҳои чекӣ бахшидашаванда танзим мегардад.

Чек бояд инҳоро дар бар гирад:

1) номи "чек", ки дар матни ҳуҷҷат ворид гардидааст;

2) супоришнома ба пардозанда оид ба пардохти маблағи муайяни пулӣ;

3) номи пардозанда ва зикри суратҳисобе, ки аз он бояд пардохт анҷом дода шавад.

4) зикри асъори пардохт;

5) зикри сана ва маҳалли мураттаб сохтани чек;

6) имзои шахсе, ки чекро чекдиҳанда навишта додааст.

Дар ҳуҷҷат мавҷуд набудани яке аз реквизитҳои зикршуда чекро беэътибор мегардонад.

Чеке, ки дар он маҳалли мураттаб сохтани он зикр нагардидааст, ҳамчун имзогардида дар ҷое, ки маълумот оид ба чекдиҳанда нишон дода шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Шакли чек ва тартиби пур кардани он тибқи қонунҳо ва қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо таҳиягардида муайян карда мешавад.

Чек аз ҳисоби маблағҳои чекдиҳанда пардохта мешавад. Дар ҳолати ба депозит гузоштани маблағ тартиб ва шарти ба депозитгузории маблағ барои пӯшонидани чек тибқи қоидаҳои бонкӣ муқаррар карда мешаванд.

Чекро бояд пардозанда бо шарти дар мӯҳлати муқарраркардаи қонун барои пардохт пешниҳод кардани он пардозад.

Пардозандаи чек вазифадор аст бо ҳама гуна усули ба ӯ дастрас ба ҳаққонӣ будани чек, инчунин ба он ки пешниҳодкунанда нисбат ба он шахси ваколатдор мебошад, боварӣ ҳосил намояд.

Ҳангоми пардохти чеки индосатсияшуда пардозанда бояд на имзои индоссантҳо, балки дурустии индоссаментҳоро тафтиш кунад.

Зарари аз ҷониби пардозанда вобаста ба пардохти чеки қалбакӣ, дуздидашуда ё гумшуда расонидашуда, вобаста ба он ки зарар бо гуноҳи кӣ расонида шудааст, ба зиммаи пардозанда ё чекдиҳанда гузошта мешавад.

Шахси пардозандаи чек ҳуқуқ дорад ба ӯ додани чекро бо забонхат оид ба гирифтани пардохт талаб намояд.

Додани ҳуқуқ оид ба чек тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 160 ҳамин Кодекс бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин модда сурат мегирад.

Чеки номӣ ба шахси дигар дода намешавад. Дар чеки интиқолӣ индоссамент ба пардозанда барои гирифтани пардохт эътибори забонхатро дорад.

Индоссаменте, ки аз ҷониби пардозанда анҷом дода шудааст, эътибор надорад.

Шахси соҳиби чеки интиқолӣ, ки онро тибқи индоссамент гирифтааст, агар ӯ ҳуқуқи худро дар қатори индоссаментҳои бефосила (мусалсал) асоснок кунад, соҳиби қонунии чек ба ҳисоб меравад.

Пардохт оид ба чек тавассути кафолат (авал) пурра ё қисман кафолатнок шуда метавонад. Авалро ҳар шахс, ба истисноси пардозанда дода метавонад.

Авал дар тарафи рости чек ё дар вароқи иловагӣ бо роҳи сабти "авал ҳисобида шавад" ва зикри он, ки аз ҷониби кӣ, бар ивази кӣ дода шудааст, сабт мешавад. Агар бар ивази кӣ додани он зикр нашуда бошад, дар он ҳолат авал аз номи чекдиҳанда додашуда ба ҳисоб меравад.

Авалро соҳиби авал бо зикри суроғаи худ (маҳалли ҷойгиршавӣ) ва санаи ба ҷо овардани навиштаҷот ва агар соҳиби авал шахси ҳуқуқӣ бошад, бо зикри маҳалли ҷойгиршавии он ва санаи ба ҷо овардани навиштаҷот имзо мекунад.

Соҳиби авал ба мисли шахсе, ки бар ивази он авалро додааст, дорои масъулият мебошад. Ӯҳдадории ӯ, ҳатто агар ӯҳдадории кафолатдодаи он нисбат ба ҳама гуна асосҳои дигар, ба ҷуз нуқсони вобаста ба шакл беэътибор бошад ҳам, дорои эътибор аст.

Соҳиби авали чекро пардохта муқобили оне, ки ӯ ба вай кафолат додааст ва зидди онҳое, ки дар назди шахси охирин ӯҳдадор мебошанд, ҳуқуқеро, ки аз чек бармеояд, пайдо мекунад.

Пешниҳоди чек ба бонки ба соҳиби чек хизматрасон барои инкасса ҷиҳати гирифтани пардохт барои пардохт манзуршуда ба ҳисоб меравад.

Чек тибқи тартиби муқарраркардаи моддаи 900 ҳамин Кодекс пардохта мешавад.

Ворид кардани маблағ тибқи чеки инкассашуда ба суратҳисоби соҳиби чек, агар дар шартномаи байни соҳиби чек ва бонк тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, баъди гирифтани пардохт аз пардозанда анҷом дода мешавад.

Пардозандаи чек вазифадор аст бо ҳама гуна усули барояш дастрас ҳаққонӣ будани чек, инчунин ба он ки пешниҳодкунанда шахси ваколатдори вобаста ба чек мебошад, боварӣ ҳосил намояд.

Ҳангоми пардохти чеки инкассашуда пардозанда вазифадор аст на имзои индоссантҳо, балки дурустии индоссаментҳоро тафтиш намояд.

Рад аз пардохти чек бояд бо яке аз усулҳои зайл тасдиқ карда шавад:

1) аз ҷониби нотариус тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пешниҳод кардани эътироз;

2) бо усули дар чек дар хусуси радди пардохт ва санаи пешниҳоди чек ба пардохт сабт гузоштани пардозанда;

3) қайди бонки инкассакунанда бо зикри санае, ки чек сари вақт пешниҳод гардида, вале пардохта нашудааст.

Эътироз ё ҳуҷҷати ба он баробар бояд то гузаштани мӯҳлати пешниҳоди чек барои пардохт анҷом дода шавад.

Агар пешниҳоди чек дар рӯзи охирини мӯҳлат сурат гирифта бошад, эътироз ё ҳуҷҷати ба он баробарро дар рӯзи дигари корӣ анҷом додан мумкин аст.

Дорандаи чек вазифадор аст индоссанти худ ва чекдиҳандаро дар бораи анҷом дода нашудани пардохт дар тӯли ду рӯзи кории баъди рӯзи эътироз ё санади ба он баробар фарорасанда огоҳ намояд.

Ҳар як индоссант дар тӯли ду рӯзи кории баъди рӯзи гирифтани огоҳинома фарорасанда бояд ба индоссанти худ (қаблӣ) дар бораи огоҳиномаи гирифтааш хабар диҳад. Дар ҳамин мӯҳлат огоҳинома ба шахсе фиристода мешавад, ки бар ивази ин шахс авал додааст.

Шахсе, ки дар мӯҳлати зикргардида огоҳинома нафиристодааст, ҳуқуқи худро ба чек гум намекунад. Ӯ вазифадор аст зарареро, ки вобаста ба огоҳ накардан аз напардохтани чек расонида шудааст, дар доираи маблағи чек ҷуброн намояд.

Дар сурати пардохти чекро рад намудани пардозанда, дорандаи чек ҳуқуқ дорад тибқи интихоби худ нисбат ба як, якчанд ё ба ҳамаи ашхоси оид ба чек ӯҳдадор (ба чекдиҳанда, соҳиби авалҳо, индоссантҳо), ки дар назди вай масъулияти муштарак доранд, даъво арз кунад.

Дорандаи чек ҳуқуқ дорад аз ашхоси зикргардида пардохти маблағи чек, хароҷоти худро барои гирифтани пардохт, инчунин фоизҳоро тибқи ҳаҷм ва тартиби дар қисми 1 моддаи 426 ҳамин Кодекс пешбинишуда талаб намояд.

Даъвои дорандаи чек нисбат ба ашхоси дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида дар тӯли шаш моҳ аз рӯзи ба анҷом расидани мӯҳлати барои пардохт пешниҳод намудани чек манзур шуданаш мумкин аст.

Талаботи регрессивӣ оид ба даъвои ашхоси нисбат ба ҳамдигар ӯҳдадор бо гузашти шаш моҳ, аз рӯзе, ки шахси ӯҳдадори дахлдор талаботро қонеъ гардонидааст ё аз рӯзи ба ӯ пешниҳод шудани даъво қатъ карда мешавад.

## МАВЗУЪИ №7
## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАКТОРИНГ ВА ЛИЗИНГ

***Маблағгузорӣ тахти гузашт кардани талаботи пулӣ (факторинг).***

Воқеияти иқтисодиёти бозоргонии муосир дар бозори мол соҳибкоронро водор менамояд, ки ба муносибатҳои чандирӣ бо харидорон ворид гарданд. Дар ин ҳолат ҳамчун кӯмак барои онҳо маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ, яъне факторинг мусоидат мекунад.

Факторинг ба молтаъминкунанда имконият медиҳад, ки дар муҳити рақобатнок мавқеи худро устувор намояд, яъне ба харидорони худ мол ё хизматрасонӣ, мӯҳлати бештари пардохти мол ё хизматрасониро муқаррар намояд, ки дар замони муосир имконияти ҷиддии рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти хоси факторинг дар он аст, ки пешниҳоди хизматрасонии молиявӣ ва гузашт кардани ҳуқуқ дар он ҷой доранд. Чуноне, ки У. Черчил баён кардааст: "Ҳеҷ гоҳ на дар кори калон ва на дар кори хурд ақиб намонед, дар ҳолате, ки онро шараф ва андешаи солим талаб нанамояд". Дар фалсафаи шарқ бошад андешае ҷой дорад, ки гузашт кардан ин тарзи хобравии дӯст ба тахтапушташ мебошад. Дар илми ҳуқуқӣ бошад гузашт кардани ҳуқуқи талаб намуданро амали оромона ва дуҷониба меҳисобанд, ки ба шаъну шараф ва андешаи солим мухолиф намебошад.

Умуман институти факторинг дар ҳазорсолаи дуюми то мелод пайдо шудааст, ки аз амалҳои шоҳи Бобулистон Хамураппи сарчашма мегирад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бошад дар асри 19 ба рушди саноати абрешим дар Англия ташаккули ин институт вобаста карда шудааст.

Танзими ҳуқуқии факторинг дар сатҳи байналмиллалӣ дар асоси Конвенсия дар бораи факторинги байналмиллалӣ, ки соли 1988 дар шаҳри Оттава қабул шудааст, ба роҳ монда мешавад. Бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар солҳои 90-ум муносибатҳои нави ҳуқуқӣ, ки бо маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ алоқаманд мебошанд, ба миён омаданд. Аз сабабе ки таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба хизматрасонии факторинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надошт, субъектони хоҷагидор таҷрибаи байналмиллалии танзими ин муносибатҳоро истифода менамуданд.

Бо қабул гардидани Кодекси граждании ҶТ ин институт танзими ҳуқуқии худро ёфт. Қисми 2-юми Кодекси граждании ҶТ боби 41 ба ин муносибатҳо бахшида шудааст.

Тибқи шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ як тараф – бонк ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ (миёнарав) ӯҳдадор мешавад ба муштарӣ барои маблағи моли пешниҳод карда, иҷрои кор ё хизматрасонии шахси сеюмро пардозад ва муштарӣ бошад, талаботи пулии шахси сеюмро ба миёнарав гузашт кунад ва подоши муайянро пардозад.

Талаботи пулӣ нисбат ба қарздор матавонад аз ҷониби муштарӣ ба миёнарав инчунин бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои муштарӣ дар назди миёнарав гузашт карда шавад.

Ӯҳдадории миёнарав оид ба шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ метавонад барои муштарӣ пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ, инчунин ба мизоҷ фароҳам овардани дигар хизматрасониҳои молиявии вобаста ба талаботи пулиро, ки мавзӯи гузаштро ташкил медиҳанд, дар бар гирад.

Ба сифати миёнарави шартномаи маблағгузорӣ бо гузашт кардани талаботи пулӣ метавонанд бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ, инчунин дигар ташкилотҳои тиҷоратие, ки барои анҷом додани чунин навъи фаъолият иҷозат (литсензия) доранд, баста метавонанд.

Мавзӯи гузашт, ки таҳти он маблағгузорӣ пешниҳод карда мешавад, ҳам талаботи пулие, ки мӯҳлати пардохти он фаро расидааст (талаботи мавҷуда) ва ҳам ҳуқуқи гирифтани маблағи пулие, ки дар оянда ба миён меояд (талаботи минбаъда) буда метавонад.

Талаботи пулие, ки мавзӯи гузашт мебошад бояд дар шартномаи муштарӣ бо миёнарав чунон муайян карда шавад, ки имконият диҳад талаботи мавҷуда дар лаҳзаи бастани шартнома ва талаботи минбаъда бошад на дертар аз лаҳзаи ба миён омадани он ҳаммонанд (идентификатсия) карда шавад.

Ҳангоми гузашт кардани талаботи пулии минбаъда он баъди ба миён омадани худи ҳуқуқи аз қарздор гирифтани маблағҳои пулӣ, ки мавзӯи гузашти талаби пешбининамудаи шартнома мебошад, ба миёнарав гузашта ба ҳисоб меравад.

Агар дар шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, муштарӣ барои ҳаққонӣ будани талаботи пулие, ки мавзӯи гузашт мебошад, дар назди миёнарав масъулият дорад.

Талаботи пулии мавзӯи гузашт қарордошта дар сурате қобили эътибор эътироф мегардад, ки агар муштарӣ барои додани талаботи пулӣ ҳуқуқ дошта бошад ва дар лаҳзаи гузашт кардани ин талабот ба ӯ ҳолатҳое, ки дар натиҷаи он қарздор ҳуқуқ дорад онро иҷро накунад, маълум набошанд.

Муштарӣ барои аз ҷониби қарздор иҷро накардан ё иҷрои номатлуби талаботе, ки мавзӯи гузашт қарор дорад, агар дар шартномаи байни муштарӣ ва миёнарав тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати аз ҷониби миёнарав ҷиҳати иҷро пешниҳод гардидани он ҷавобгар намебошад.

Ба миёнарав гузашт кардани талаботи пулӣ, ҳатто агар байни муштарӣ ва қарздори ӯ оид ба манъ ё маҳдуд кардани он созишнома мавҷуд бошад ҳам, қобили эътибор аст.

Муқаррароти муайяннамудаи қисми 1 ҳамин модда муштариро дар назди қарздор аз ӯҳдадорӣ ё масъулияти вобаста ба гузашт кардани талабот хилофи созишномаи байни онҳо дар мавриди манъ ё маҳдуд кардани он озод намекунад.

Агар дар шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, минбаъд гузашт кардани талаботи пулӣ аз ҷониби миёнарав иҷозат дода намешавад.

Дар ҳолатҳое ки агар минбаъд гузашт кардани талаботи пулӣ дар шартнома пешбинӣ гардида бошад, нисбат ба он мутаносибан муқаррароти ҳамин боб татбиқ мегардад.

Қарздор вазифадор аст ба миёнарав ба шарте, ки он аз муштарӣ ё аз миёнарав дар мавриди ба ҳамин миёнарав гузашт кардани талабот огоҳиномаи хаттӣ гирифта бошад ва дар огоҳинома иҷрои дахлдори талаботи пулӣ муайян, инчунин миёнараве, ки ба ӯ пардохт бояд анҷом дода шавад зикр гардида бошад, пардохтро анҷом диҳад.

Бо хоҳиши қарздор миёнарав вазифадор аст дар мӯҳлати мувофиқ ба қарздор далели онро, ки гузашт кардани талаботи пулӣ дар ҳақиқат ба миёнарав ҷой дошт, пешниҳод намояд. Агар миёнарав ин ӯҳдадориро иҷро накунад, қарздор ҳуқуқ дорад оид ба талаботи мазкур ба муштарӣ ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар назди охирин пардохтро анҷом диҳад.

Аз ҷониби қарздор ба миёнарав иҷро намудани талаботи пулӣ мутобиқи қоидаҳои ҳамин модда қарздорро аз ӯҳдадориҳои дахлдор дар назди муштарӣ озод месозад.

Агар тибқи шарти шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ маблағгузории муштарӣ бо роҳи аз ӯ аз ҷониби миёнарав харидани ин талабот сурат гирад, охирин ҳуқуқро ба ҳамаи маблағҳо аз қарздор барои иҷрои талаботи мегирифтааш ба даст меорад ва муштарӣ бошад дар назди миёнарав барои он, ки маблағҳои гирифтаи ӯ нисбат ба нархи талаботро бадастовардаи миёнарав камтар мебошад, масъулият надорад.

Агар гузашт кардани талаботи пулӣ ба миёнарав бо мақсади ба вай таъмин намудани иҷрои ӯҳдадории муштарӣ анҷом дода шуда бошад ва дар шартномаи маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талабот тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, миёнарав вазифадор аст ба муштарӣ ҳисобот диҳад ва маблағи аз маблағи қарзи муштарӣ зиёдатиро, ки бо гузашт кардани талабот таъмин гардидааст, супорад. Агар маблағи пулие, ки миёнарав аз қарздор гирифтааст, аз маблағи қарзи муштарӣ ба миёнарав, ки бо гузашт кардани талабот таъмин гардидааст, камтар бошад, муштарӣ дар назди миёнарав барои бақияи қарз масъул боқӣ мемонад.

Дар сурати ба қарздор бо талаби пардохти маблағ муроҷиат кардани миёнарав қарздор ҳуқуқ дорад мутобиқи моддаҳои 442 - 444 ҳамин Кодекс баҳисобгирии талаботи пулии худро, ки ба шартнома бо муштарӣ асос ёфтааст ва он то вақти гирифтани огоҳинома дар мавриди гузашт кардани талаботи ӯ ба миёнарав, ки аллакай дар назди қарздор вуҷуд дошт, пешниҳод намояд.

Талаботе, ки қарздор метавонист нисбат ба муштарӣ вобаста ба он, ки охирин созишномаро дар мавриди манъ ё маҳдуд кардани гузашти талабот вайрон кардааст пешниҳод намояд, нисбат ба миёнарав эътибор надорад.

Дар сурати аз ҷониби муштарӣ вайрон кардани ӯҳдадориҳои вобаста ба шартнома, ки бо қарздор баста шудааст охирин ҳуқуқ надорад аз миёнарав баргардондани маблағи аллакай ба ӯ тибқи талаботи ба миёнарав гузашта пардохташударо талаб намояд, агар қарздор ҳуқуқ дошта бошад, ки чунин маблағро мустақиман аз муштарӣ гирад.

Қарздоре, ки ҳуқуқ дорад мустақиман аз муштарӣ маблағи ба миёнарав дар натиҷаи гузашт кардани талабот додашударо ба даст орад, бо вуҷуди ин, агар исбот карда шавад, ки охирин ӯҳдадории худро дар мавриди ба муштарӣ анҷом додани пардохти ваъдашуда вобаста ба гузашт кардани талаботро иҷро накардааст ё аз ҷониби муштарӣ вайрон кардани ҳамон ӯҳдадориеро, ки нисбат ба он пардохти вобаста ба гузашт кардани талабот алоқамандро дониста, чунин пардохтро анҷом додааст, ҳуқуқ дорад аз ҷониби миёнарав баргардонидани ин маблағро талаб кунад.

### *Иҷораи молиявӣ (лизинг).*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

Аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) иҷорадеҳ (лизингдеҳ) ӯҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагир (лизинггир)-ро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ ба моликият харидорӣ намояд ва ин амволро пулакӣ ба ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ пешниҳод кунад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ барои интихоби амволи ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест.

Аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолие, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ба истиснои қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ метавонанд таҳвил дода шаванд.

Иҷорадеҳ амволро барои иҷорагир харидорӣ намуда, бояд фурӯшандаро дар бораи он, ки амвол ҷиҳати ба шахси муайян ба иҷора додани он таъин шудааст, огоҳ созад.

Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, фурӯшанда амволеро, ки мавзӯи ин шартнома мебошад, бевосита ба иҷорагир дар маҳалли қарор доштани ӯ таҳвил медиҳад.

Агар амволе, ки мавзӯи шартномаи иҷораи молиявӣ мебошад, дар мӯҳлати дар ин шартнома зикршуда ва агар дар шартнома чунин мӯҳлат зикр нашуда бошад, дар мӯҳлати қобили қабул ба иҷорагир таҳвил нагардад, иҷорагир ҳақ дорад, ки агар мӯҳлат бо сабабҳои вобаста ба иҷорадеҳ гузашта бошад, қатъи шартнома ва ҷуброни зарарро талаб намояд.

Таваккали нобудшавии тасодуфӣ ё вайроншавии тасодуфии амволи ба иҷора гирифташуда ба иҷорагир, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар лаҳзаи ба ӯ таҳвил додани ин амвол мегузарад.

Иҷорагир ҳуқуқ дорад амволеро, ки мавзӯи шартномаи иҷораи молиявӣ мебошад, талаботеро, ки аз шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда ва иҷорадеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии амвол, мӯҳлатҳои таҳвили он ва дар дигар ҳолатҳои ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеоянд, бевосита ба фурӯшанда пешниҳод намояд. Зимнан иҷорагир ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои барои фурӯшанда пешбининамудаи ҳамин Кодексро дар мавриде, ки агар ӯ яке аз тарафҳои шартномаи хариду фурӯши амволи зикршуда бошад, дорад. Аммо иҷорагир наметавонад шартномаи хариду фурӯшро бо фурӯшанда бидуни ризоияти иҷорадеҳ бекор намояд.

Дар муносибат бо фурӯшанда иҷорагир ва иҷорадеҳ ҳамчун қарздиҳандагони муштарак (моддаи 349) баромад мекунанд.

Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ дар назди иҷорагир барои аз тарафи фурӯшанда иҷро гардидани талаботе, ки аз шартномаи хариду фурӯш бармеоянд, ғайр аз ҳолатҳое, ки масъулият барои интихоби фурӯшанда ба зиммаи иҷорагир мебошад, ҷавобгар нест. Дар ҳолати мазкур (охирин) иҷорагир ҳақ дорад бо интихоби худ талаботеро, ки аз шартномаи хариду фурӯш бармеоянд, бевосита ҳам ба фурӯшандаи амвол ва ҳам ба иҷорадеҳ, ки масъулияти муштарак доранд, пешниҳод намояд.

Предмет - мавзеи иҷораи молиявӣ метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмӯи амволӣ, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд.

Предмети иҷораи молиявӣ наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ ва инчунин амволе бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд карда шудааст ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст.

Субъектҳои иҷораи молиявӣ инҳо мебошанд:

Иҷорадеҳ, - шахси воқеӣ ё ҳуққуқие, ки аз ҳисоби маблағҳои

ҷалбгардида ё худи дар ҷараёни татбиқи шартномаи иҷораи молиявӣ молу мулкро ба моликият мехарад ва онро ба сифати предмети иҷораи молиявӣба иҷорагир ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ бо гузаштан ё нагузаштани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир медиҳад.

Иҷорагир - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ вазифадор аст, предмети иҷораи молиявиро ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ қабул намояд.

Фурӯшанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартнома молу мулкеро, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳисоб мешавад, ба иҷорадеҳ дар мӯҳлати шартгардида мефурӯшад. Фурӯшанда ҳамзамон метавонад дар доираи як муносибати ҳуқуқии иҷораи молиявӣ ба сифати иҷорагир баромад намояд.

Субъекти иҷораи молиявӣ метавонанд резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

Намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг):

1.Иҷораи молиявӣ (лизинг) бо минбаъд ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ (лизинг);

2. Иҷораи молиявии (лизинги) амалиётӣ;

3. Иҷораи молиявии (лизинги) баргардонидашаванда.

Зериҷораи молиявӣ - шакли зеркирояи предмети иҷораи молиявӣ мебошад, ки ҳангоми он иҷорагир тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ молу мулкеро, ки пештар аз иҷорадеҳ тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ гирифтааст ва он предмети иҷораи молиявӣ буда, барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатии пулакӣ ва ба мӯҳлати мутобиқ ба шартҳои шартномаи зериҷораи молиявӣ ба шахсони сеюм (ба иҷорагирон тибқи шартномаи зериҷораи молиявӣ) медиҳад.

Ҳангоми ба зериҷораи молиявӣ додани молу мулк ҳуқуқи талаб ба фурӯшанда тибқи шартномаи зериҷораи молиявӣ ба иҷорагир мегузарад.

Додани предмети иҷораи молиявӣ ба зериҷораи молиявӣ бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ анҷом дода мешавад.

Мӯҳлати зериҷораи молиявӣ набояд аз мӯҳлати иҷораи молиявӣ, ки шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, зиёд бошад.

Шартномаи иҷораи молиявӣ сарфи назар аз мӯҳлаташ дар шакли хаттӣ баста мешавад.

Барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ субъектҳои иҷораи молиявӣ шартномаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебанданд.

Ба шартномаҳои ҳатмӣ шартномае мансуб мебошад, ки мутобиқи он молу мулк аз фурӯшанда ба иҷорадеҳ дода мешавад. Ба шартномаҳои иловагӣ шаргномаи ҷалб намудани маблағҳои пулӣ, шартномаи гарав, шартномаи кафолат, шартномаи замонат ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд:

- предмети шартнома;

- тартиби таҳвил ва қабули амвол;
- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо;
- истифодаи амвол, нигоҳубину таъмир ва таҳдиди он;
- мӯҳлати иҷораи молиявӣ;
- пардохтҳои иҷораи молиявӣва муҷозотҳои ҷаримавӣ;
- масъулияти тарафҳо;
- тартиби ҳаллу фасли баҳсҳо;
- шартҳои пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартнома;
- амали тарафҳо оид ба анҷомрасонии аҳдҳо;
- форс - мажор;
- суроғаҳои ҳуқуқи ва реквизитҳои бонкӣ;
- ва шартҳои дигарро муайян намояд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ шартҳои расонидани хизматрасонии иловагӣ ва гузаронидани корҳои иловагиро метавонад дар бар гирад.

Номгӯи, ҳаҷм ва арзиши хизматрасонии (корҳои) иловагӣ бо созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад.

Бо созишномаи тарафҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст шартҳои дигари иҷораи молиявӣ муайян карда шаванд.

Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад пешбинӣ намояд, ки интихоби фурӯшанда ва молу мулки харидоришаванда аз ҷониби ихорадеҳ анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат иҷорадеҳ барои интихоби фурӯшанда ва предмети иҷораи молиявӣ масъулиятро ба зимма мегирад

Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад ҳуқуқи иҷорагирро барои дароз намудани мӯҳлати иҷораи молиявӣ бо нигоҳ доштан ё тағйир додани шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ намояд.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ, дорад:

а) пардохтҳои иҷораи молиявии мӯҳлаташон гузаштаро, ки бояд ба ӯ пардохт карда шаванд ва инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд;

б) аз болои фаъолияти иҷорагир дар он қисмате, ки ба предмети иҷораи молиявӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои иҷорагир мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ мансуб аст, назорат барад:

в) дар ҳолати аз тарафи иҷорагир вайрон гардидани ӯҳдадориҳо оиди баргардонидани предмети иҷораи молиявӣ, ворид намудани пардохтҳоро барои мӯҳлати вайронкардашуда ва ҷуброни зарар талаб намояд;

г) аз иҷорагир иттилооти заруриро ба таври хаттӣ барои анҷом додани назорат аз болои вазъияти молиявии иҷорагир талаб намояд;

д) ба предмети иҷораи молиявӣ тамғае гузорад, ки вай аз моликияти иҷорадеҳ будани ин ашё ва он мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дар соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир қарор дошан гувоҳӣ диҳад;

е) предмети иҷораи молиявиро аз иҷорагир дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд;

Иҷорадеҳ ӯҳдадор аст:

а) предмети иҷораи молиявиро, ки бо иҷорагир мувофиқа шудааст, аз фурӯшанда барои моликияти худ харидори намояд ва онро бо шартҳои дар

шартномаи иҷораи молиявӣ муайянгардида барои соҳибӣ ва истифодабари ба иҷорагир диҳад;

б) баъди харидори намудани предмети иҷораи молиявӣ фурӯшандаро ба таври хаттӣ дар бораи он, ки вай барои додан ба иҷораи молиявӣ ба шахси муайян (иҷорагир) таъин гардидааст, огоҳ намояд.

Иҷорадеҳ метавонад ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст.

Иҷорагир ҳуқуқ дорад:

а) предмети иҷораи молиявиро мутобиқи шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ соҳибӣ кунад ва истифода барад;

б) бевосита ба фурӯшандаи (таҳвилгари) предмети иҷораи молиявӣ талаботро нисбати сифат ва пуррагӣ, мӯҳлати таҳвил ва талаботи дигареро, ки шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда (таҳвилгар) ва иҷорадеҳ муқаррар намудааст, пешниҳод намояд;

в) аз гирифтани предмети иҷораи молиявӣ даст кашад ё ивази предмети иҷораи молиявиро талаб намояд, шартномаи иҷораи молиявиро бекор кунад, агар предмети иҷораи молиявӣ таҳвил нашуда бошад, аз мӯҳлат дер таҳвил шуда бошад ё бо камбудиҳои ислоҳшавандае таҳвил шуда бошад, ки ба истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ мутобиқи таъиноти дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинишуда монеъ гарданд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки интихоби таҳвилгар аз ҷониби иҷорагир анҷом дода шуда бошад;

г) баъди катъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ҷуброни арзиши беҳгардонидашудаи предмети иҷораи молиявиро, ки барои предмети иҷораи молиявӣ бидуни зарар ҷудонашаванда мебошад ва иҷорагир, бо ризоияти иҷорадеҳ, аз ҳисоби маблағҳои худ анҷом додааст, талаб намояд, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

д) камкунии маблағи пардохтҳои иҷораи молиявиро талаб намояд, агар бинобар ҳолатҳое, ки ӯ барои онҳо ҷавобгар нест, шароитҳои истифодабарӣ, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври назаррас бад шуда бошанд;

е) предмети иҷораи молиявиро, ки тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ гирифтааст, бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ барои зериҷораи молиявӣ ба шахси сеюм диҳад ва дар назди ӯ мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ масъул боқӣ монад.

Иҷорагир ӯҳдадор аст:

а) дар сурати ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ҷавобгу будани предмети иҷораи молиявӣ онро қабул намояд ва предмети иҷораи молиявиро аз рӯи таъиноташ тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ истифода барад;

б) аз ҳисоби худ хизматрасонии техникӣ, таъмири асосӣ ва ҷории предмети иҷораи молиявиро (аз ҷумла пардохтҳои коммуналии заруриро

вобаста ба предмети иҷораи молиявӣ) анҷом диҳад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад:

в) ба иҷорадеҳ иттилооти барои анҷом додани назорати вазъи молиявии ӯзарурбударо пешниҳод намояд;

г) барои иҷорадеҳ бемонеа дастрас буданро ба предмети иҷораи молиявӣ таъмин намояд, инчунин тибқи дархости хаттии иҷорадеҳ иттилоотро оид ба ҳолати техникии предмети иҷораи молиявӣ ба вай пешниҳод намояд, агар шартнома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд;

д) ҳангоми қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ предмети иҷора молиявиро дар он ҳолате, ки гирифта буд, бо назардошти кӯҳнашавии мӯътадил ё дар ҳолате, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ қайду шарт гардидааст, баргардонад.

Иҷорагир метавонад ҳуқуқу вазифаҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудаанд.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фурӯшанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи хариду фурӯш ё таҳвил муайян карда мешаванд.

Иҷорагир ҳуқуқ дорад талабҳоеро, ки аз шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда ва иҷорадеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии молу мулк, мӯҳлатҳои таҳвили он ва дар дигар ҳолатҳои ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеоянд, бевосита ба фурӯшандаи предмети шартномаи иҷораи молиявӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат иҷорагир ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои барои харидор пешбинигардидаро бидуни ризоияти иҷорадеҳ, ба ғайр аз ӯҳдадориҳои пардохти молу мулки харидашуда ва бекор кардани шартномаи хариду фурӯшро бо фурӯшанда, дорад.

Фурӯшанда оиди як зарари расонидашуда набояд ҳамзамон ҳам дар назди иҷорадеҳ ва ҳам дар назди иҷорагир масъулият дошта бошад.

Дар ҳолате, ки шартномаи иҷораи молиявӣ бо иштироки иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда баста шуда бошад, он гоҳ ҳуқуқ ва вазифаҳои фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар карда мешаванд.

Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи иҷораи молиявӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст тағйир дода шавад ё бо тартиби судӣ пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад.

Дар ҳолатҳои зерин аз рӯи талаби иҷорадеҳ шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафҳо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи молиявӣ бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби иҷорагир баргардонида шавад:

а) агар иҷорагир ҳолати предмети иҷораи молиявиро ба таври назаррас бад гардонад;

б) агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро бо вайрон кардани

шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ё шартҳои таъинотии предмети иҷораи молиявӣ, сарфи назар аз огоҳии хаттии иҷорадеҳ дар бораи хотима додани ҳамин гуна амалҳо, истифода барад;

в) агар иҷорагир ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати пардохте, ки шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, ду маротиба ва ё бештар аз он паси ҳам пардохти номбурдаро, ворид накунад;

г) агар таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад, дар мӯҳлати муқаррари анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи мол ӯҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зимаи иҷорагир гузошта шуда бошад.

Дар ҳолатҳои зерин бо талаби иҷорагир шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафхо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи мол бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби ӯ баргардонида шавад:

а) агар иҷорадеҳ предмети иҷораи молиявиро надиҳад ё барои истифодаи предмети иҷораи молиявӣ мутобиқи шартҳои шартнома монеаҳо ба вуҷуд орад;

б) агар предмети иҷораи молиявии додашуда камбудиҳое дошта бошад, ки барои истифодаи он монеъ шаванд ва онҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ зикр нашуда бошанд;

в) агар иҷорадеҳ мӯҳлати таҳвили предмети иҷораи молиявиро вайрон карда бошад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки таҳвилгарро иҷорагир интихоб намуда бошад;

г) агар иҷорадеҳ таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад дар мӯҳлатҳои муқаррарӣ анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи молиявӣ ӯҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зимаи иҷорадеҳ гузошта шуда бошад.

Масъулияти иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ, шартномаи хариду фурӯш ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Масъулият дар назди шахсони сеюм барои зараре, ки предмети иҷораи молиявӣ ба онҳо расонидааст, ё зарари вобаста ба он ба души соҳиби номии (титулии) предмети иҷораи молиявӣ гузошта мешавад.

Иҷорагир ва иҷорадеҳ дар муносибат бо фурӯшанда ҳамчун кредиторони муштарак баромад мекунанд.

Иҷорадеҳ вазифадор аст молу мулкеро, ки предмети иҷораи молиявӣ мебошад дар ҳолати мутобиқбуда ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ва таъинотии ҳамин молу мулк ба иҷорагир пешниҳод намояд.

Предмети иҷораи молиявӣ дар якҷоягӣ бо ҳамаи асбобу анҷом ва ҳуҷҷатҳо (паспорти техникӣ ва ғайра) ба иҷораи молиявӣ дода мешавад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида

бошад.

Иҷорагир азҳисоби худ хизматрасонии техникии предмети иҷораи молиявиро ба ҷо меорад, нигоҳдории онро таъмин мекунад, инчунин таъмири асосӣ ва ҷории предмети иҷораи молиявиро анҷом медиҳад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Хизматрасонии кафолатноки предмети иҷораи молиявӣ мумкин аст аз ҷониби фурӯшанда анҷом дода шавад, агар ин дар шартномаи хариду фурӯш байни иҷорадеҳ ва фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ гардида бошад.

Ҳангоми қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ иҷорагир вазифадор аст предмети иҷораи молиявиро дар ҳолате, ки вай гирифта буд, бо назардошти фарсудагии миёна ё фарсудагии дар шартномаи иҷораи молиявӣ қайду шартгардида, ба иҷорадеҳ баргардонад.

Агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро барнагардонад ё сари вақт барнагардонад, иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад барои мӯҳлати гузаронидашуда ворид намудани пардохтҳоро талаб намояд. Дар ҳолате, ки агар пардохти номбурда зарари ба иҷорадеҳ расонидашударо напӯшонад, ё метавонад пешонидани онҳоро ба воситаи суд талаб намояд.

Дар ҳолате, ки агар иҷорадеҳ барои сари вақт барнагардонидани предмети иҷораи молиявӣ ноустуворона пешбинӣ намуда бошад, мумкин аст зарар аз иҷорагир дар ҳаҷми пурра илова ба ноустуворона ситонида шавад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Предмети иҷораи молиявӣ, ки барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба иҷорагир дода шудааст, моликияти иҷорадеҳ мебошад.

Дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст пешбинӣ гардад, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати шартномаи иҷораи молиявӣ ё то анҷом ёфтани он ба моликияти иҷорагир гузарад, ба шарте, ки аз ҷониби иҷорагир арзиши пурраи харидории дар шартномаи қайду шартгардида ворид карда шавад.

Агар шарти харид намудани предмети иҷораи молиявӣ дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ нашуда бошад, онро метавонанд бо созишномаи иловагии тарафҳо, ки зимнан ҳуқуқ доранд дар бобати ба ҳисоби арзиши харидорӣ пардохт намудани маблағҳои истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ ба мувофиқа омада, муқаррар кунанд. Бо қонун мумкин аст ҳолатҳои манъ намудани харидории предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ карда шаванд.

Ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии предмети иҷораи молиявӣ дар ҳаҷми пурра ба иҷорагир мегузарад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад.

Ҳуқуқи ихтиёрдории иҷорадеҳ ба предмети иҷораи молиявӣ аз ҳуқуқи гирифтани предмети иҷораи молиявӣ аз соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, иборат мебошад.

Ҳангоми муфлисшавии иҷорагир, инчунин ҳабс ва мусодира намудан ё ба кор бурдани рӯёнидани зарар ба амволи ӯ, предмети иҷораи молиявӣ аз молу мулки иҷорагир ҷудо карда мешавад ва бояд ба иҷорадеҳ, ки метавонад онро тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намояд, баргардонида шавад.

Беҳсозиҳои ҷудошавандае, ки иҷорагир дар предмети иҷораи молиявӣ анҷом додааст, моликияти ӯ мебошанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Дар ҳолате, ки иҷорагир бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ аз ҳисоби маблаӯҳои худ беҳсозиҳои аз предмети иҷораи молиявӣ ҷудонашавандаро бидуни зарар ба предмети иҷораи молиявӣ анҷом дода бошад, иҷорагир баъди қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқи баргардонидани арзиши ин беҳсозиҳоро дорад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Дар дигар ҳолатҳо иҷорагир барои талаб намудани баргардонии арзиши ин беҳсозиҳо ҳуқуқ надорад.

Иҷорадеҳ метавонад пурра ё қисман ҳуқуқҳои худро оиди предмети иҷораи молиявӣ ба шахси сеюм гузашт намояд ё ба гарав монад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад бо мақсади ҷалб намудани маблағҳои пули предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав истифода барад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ надорад предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав бе ризоияти иҷорагир истифода намояд.

Иҷорадеҳ вазифадор аст иҷорагирро дар бораи ҳамаи ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба предмети иҷораи молиявӣ огоҳ намояд.

Бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулк (предмети шартномаи иҷораи молиявӣ) аз рӯи шартномаи иҷораи моливӣ дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад.

Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ аз рӯи созиши тарафҳо ба номи иҷорадеҳ ё иҷорагир ба қайд гирифта мешаванд. Зимнан дар ҳуҷҷатҳои бақайдгирии маълумот дар бораи молик ва соҳиби (истифодабарандаи) молу мулк ҳатман зикр карда мешавад. Дар ҳолати бекор карда шудани шартномаи иҷораи молиявӣ ва аз тарафи иҷорадеҳ баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ, бо аризаи ӯ мақомоти давлатие, ки барои бақайдгирӣ ваколатдор мебошад, вазифадор аст сабти номи соҳиби (истифодабарандаи) молу мулкро беэътибор гардонад.

Предмети иҷораи молиявӣ аз таваккали гум шудан (нобуд шудан), камомад ё зарар дидан аз лаҳзаи таҳвили молу мулк ба фурӯшанда то лаҳзаи анҷом ёфтани мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст суғурта карда шавад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Суғурта намудани таваккалҳои соҳибкори (молиявӣ) бо ризоияти тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ анҷом дода мешавад.

Иҷорагир дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷавобгарии худро барои ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони дигар дар ҷараёни истифодабарии молу мулки иҷораи молиявӣ ба вуҷуд меоянд, суғурта намояд.

Иҷорагир ҳуқуқ дорад таваккали ҷавобгарии худро барои вайрон кардани шартномаи иҷораи молиявӣ ба фоидаи иҷорадеҳ суғурта намояд.

Ҷавобгарӣ барои ҳифзи предмети иҷораи молиявӣ аз ҳама гуна зарари молиявӣ ва ҳамчунин барои таваккали вобаста ба нобудшавӣ, гумшавӣ, корношоямшавӣ, дуздидан, пеш аз мӯҳлат вайрон шудан, хатогиҳои ҳангоми васлкунӣ ё истифодабарӣ роҳдодашуда ва дигар хавфҳои молу мулки аз лаҳзаи қабули аслии предмети иҷораи молиявӣ ба дӯши иҷорагир мебошад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Таваккали аз ҷониби фурӯшанда иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯши предмети иҷораи молиявӣ ва зарарҳои вобаста ба он ба души ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ мебошад, ки фурӯшандаро интихоб намудааст. агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Таваккали мутобиқат накардани предмети иҷораи молиявӣ ба ҳадафҳои истифодабарии ҳамин предмет тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ва зарарҳои вобаста ба он ба дӯши тарафе мебошад, ки предмети иҷораи молиявиро интихоб намудааст, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Ба предмети иҷораи молиявӣ ба фоидаи шахси сеюм аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷорагир рӯёнидани зарар ба кор бурда намешавад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар предмети иҷораи молиявӣ ба номи иҷорагир ба қайд гирифта шуда бошад.

Рӯёнидани зарар ба фоидаи шахсони сеюм, ки ба молу мулки иҷорадеҳ нисбати предмети иҷораи молиявӣ ба кор бурда шудааст, метавонанд танҳо ба ҳамин объекти ҳуқуқи моликияти иҷорадеҳ нигаронида шавад. Аз рӯи натиҷаи қонеъ гардонидани рӯёнидани зарар ба гирандаи ҳуқуқҳои иҷорадеҳ оиди предмети иҷораи молиявӣ ба таври ҳатми на танҳо ҳуқуқ, балки ӯҳдадориҳои иҷорадеҳ, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайян шудаанд, мегузаранд.

Предмети иҷораи молиявӣ, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир дода шудааст, бо ризоияти тарафҳо дар баланси иҷорадеҳ ё иҷорагир ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқ доранд аз рӯи мувофиқаи мутақобила истеҳлоки (амортизатсияи) босуръати предмети иҷораи молиявиро истифода намоянд.

Ҳисоб карда баровардани истеҳлокро (амортизатсияро) ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ анҷом медиҳад, ки предмети иҷораи молиявӣ дар балансаш мебошад.

Тартиби кашида гирифтан ва баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорадеҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда мешавад.

Пардохт барои соҳибӣ ва истифодабарии молу мулке, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дода шудааст, аз ҷониби иҷорагир дар шакли пардохтҳои иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ пардохта мешаванд. Пардохтҳо метавонанд чӣ дар шакли пулӣ ва чӣ дар шакли молӣ анҷом дода шаванд.

Таҳти пардохтҳои иҷораи молиявӣ маблағи умумии пардохтҳои шартномаи иҷораи молиявӣ дар тамоми мӯҳлати амал намудани шартномаи иҷораи молиявӣ фаҳмида мешавад, ки ба онҳо баргардонидани хароҷотҳои иҷорадеҳ вобаста ба харидорӣ ва таҳвили предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир, ҷуброни хароҷотҳои вобаста ба расонидани хизматрасониҳои дигари дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинигардида, инчунин даромади иҷорадеҳ дохил мешаванд.

Ба маблағи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст нархи хариди предмети иҷораи молиявӣ дохил карда шавад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир гузаштани ҳуқуқи моликиятро ба предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ карда бошад.

Ҳаҷм, тарз, шакл ва давра ба давра ворид намудани пардохтҳо дар шартнома бо мувофиқаи тарафайн муқаррар карда мешаванд. Агар иҷорагир ва иҷорадеҳ ҳисоббаробаркунии пардохтҳои иҷораи молиявиро бо маҳсулоте (дар шакли молие), ки бо воситаи предмети иҷораи молиявӣ истеҳсол мешавад, анҷом диҳанд, нархи ин маҳсулот бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда мешавад.

Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, андозаи пардохтҳои иҷораи молиявӣ метавонад бо мувофиқаи тарафҳо ба мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома, вале на бештар аз як маротиба дар се моҳ, тағйир дода шавад.

Ӯҳдадориҳои иҷорагир оид ба ворид намудани пардохтҳои иҷораи молиявӣ аз лаҳзаи аз ҷониби иҷорагир истифода гардидани предмети иҷораи молиявӣ фаро мерасанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад риоя гардидани шартҳои шартномаи иҷораи молиявиро аз тарафи, иҷорагир ва шартномаҳои замимашударо дар қисмате, ки ба иҷро гардидани ӯҳдадориҳои шартномаи иҷораи молиявӣ аз тарафи иҷорагир таъсир мерасонанд, назорат намояд.

Тартиби назорати шартҳои шартнома дар шартномаи иҷораи молиявӣ ва дигар шартномаҳои замимавии байни иштироккунандагони он пешакӣ қайд карда мешавад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад ба иҷорагир дар шакли хаттӣ оид ба пешниҳоди иттилооте, ки барои анҷом додани чунин назорат зарур мебошад, дархост фиристонад, иҷорагир вазифадор аст ҳамин гуна дархостҳоро қонеъ гардонад.

Иҷорадеҳ ҳуқуқ, дорад бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии

Тоҷикистон амалиёти байналмилалиро вобаста ба гардиши сармоя анҷом диҳад, воситаҳои пулиро аз ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади харидани предмети иҷораи молиявӣ ба мӯҳлати бештар аз шаш моҳ, (180 рӯз), вале на бештар аз мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ ҷалб намояд.

Иҷорадиҳандагон ҳуқуқ, доранд бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Точикистон амалиёти вобастаро ба гардиши сармоя, пардохтани фоизҳо барои истифодаи маблағҳои пардохташон гузаштаро, ки фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешниҳод намудааст, сарфи назар аз мӯҳлати ҳақиқии гирифтани предмети иҷораи молиявӣ (амалиёти асъории ҷорӣ ва амалиёти вобаста ба гардиши сармояро) амалӣ намоянд.

Барои анҷом додани иҷораи молиявии байналмилалӣ:

1. Ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ бо мақсади истифодаи он тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба мӯҳлати бештар аз шаш моҳ, инчунин пардохтани маблағи пурраи шартномаи иҷораи молиявӣ дар давраи зиёда аз шаш моҳ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати асъор ва танзими асъор амалиёти вобаста ба гардиши сармоя ҳисобида намешаванд;

2. Ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ё аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ ҳамаи намудҳои пардохтҳои гумрукӣ ба арзиши умумии гумрукии молу мулк ҳисоб карда мешаванд.

Пардохтҳои гумрукӣ ба тариқи зайл ворид карда мешаванд:

1. Дар лаҳзаи ворид (содир) намудани предмети иҷораи молиявӣ ба маблағи ҳамон қисм арзиши гумрукии молу мулк, ки пардохт карда шудааст ва бо ҳуҷҷатҳои бонкӣ тасдик карда шудааст;

2. Минбаъд пардохтҳои гумрукӣ баробари пардохтҳои иҷораи молиявӣ ё дар давоми 20 рӯз аз лаҳзаи анҷом ёфтани пардохтҳои иҷораи молиявӣ ворид карда мешаванд.

Тартиби (низоми) ворид намудани пардохтҳои гумрукӣ батаъхирандозии мӯҳлати пардохтҳои гумрукӣ ё кредити инвеститсионии андозӣ ҳисобида намешавад.

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Факултети ҳуқуқшиносӣ**
**Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# ТЕСТ АЗ ФАННИ «ҲУҚУҚИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Барои донишҷӯёни курси 5-уми ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

**Мураттиб – Сангинов Д.Ш.**

**Душанбе - 2016**

**@1**
**Ҳисоббаробаркунӣ бо кадом калима муродиф аст?**
$A) пардохткунӣ;
$B) ченкунӣ;
$C) ивазкунӣ;
$D) дороӣ;
$E) бепулӣ;

**@2**
**Маркази ягонаи ҳисоббаробаркуниҳо дар ИҶШС аз соли чанд бонки давлатии ИҶШС ба ҳисоб мерафт?**
$A) соли 1930;
$B) соли 1940;
$C) соли 1945;
$D) соли 1943;
$E) соли 1952;

**@3**
**Шакли ҳиссоббаробаркунии ғайринақдӣ бо ислоҳоти кредитии кадом солҳо муқаррар шуда буд?**
$A) солҳои 1930-1931;
$B) солҳои 1940-1941;
$C) солҳои 1950-1951;
$D) солҳои 1960-1961;
$E) солҳои 1970-1971;

**@4**
**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом кодекс ба танзим даровварда мешавад?**
$A) Кодекси граждании ҶТ;
$B) Кодекси меҳнати ҶТ;
$C) Кодекси оилаи ҶТ;
$D) Кодекси замини ҶТ;
$E) Кодекси обии ҶТ;

**@5**
**Ба ғайр аз Кодекси граждании ҶТ муносибатҳои ҳисоббаробаркуниро кадом қонунҳо ба танзим медароранд?**
$A) Қонунҳои ҶТ "Дар бораи БМТ" ва "Дар бораи фаъолияти бонкӣ";
$B) Қонуни ҶТ "Дар бораи сирри давлатӣ";
$C) Қонуни ҶТ "Дар бораи нафт ва газ";
$D) Қонуни ҶТ "Дар бораи назорати содирот";
$E) Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати дипломатӣ";

**@6**

**Мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ бо кадом мафҳумҳо алоқаи зич дорад?**

$A) пардохт, пул ва воситаҳои пулӣ;

$B) қоғаз ва оҳан;

$C) бонк ва кредит;

$D) қарз ва шартнома;

$E) созиш ва бозор;

**@7**

**Чанд намуди ҳисоббаробаркунӣ ҷой дорад?**

$A) 2;

$B) 4;

$C) 5;

$D) 9;

$E) 3;

**@8**

**Ҳисоббаробаркунӣ ба кадом намудҳо ҷудо мешавад?**

$A) нақдӣ ва ғайринақдӣ;

$B) асосӣ ва иловагӣ;

$C) умумӣ ва махсус;

$D) қоғазӣ ва металӣ;

$E) пулӣ ва тангагӣ;

**@9**

**Ҳисоббаробаркуниҳо – ин амалиётҳое, ки барои қатъ ё тағйири ________бавуҷудомада равона гардидаанд, ба ҳисоб меравaнд?**

$A) уҳдадориҳои;

$B) ҳуқуқҳои;

$C) амалҳои;

$D) пулҳои;

$E) тарзҳои;

**@10**

**Ҳисоббаробаркунӣ ин амали мизоҷ барои_________ маблағ ба тарафи дигар – қабулкунандаи маблағ эътироф карда мешавад?**

$A) пардохт намудани;

$B) додани;

$C) гузаронидани;

$D) супоридани;

$E) гузашти;

@11

**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар кадом боби Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфтаанд?**

$A) боби 44;
$B) боби 47;
$C) боби 63;
$D) боби 55;
$E) боби 60;

@12

**Предмети уҳдадориҳоро дар муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ чӣ ташкил медиҳад?**

$A) воситаҳои пулӣ;
$B) хизматҳо;
$C) ҳуқуқҳо;
$D) амалҳо;
$E) бонкҳо;

@13

**Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ амалиёти гузаронидани воситаҳои пулиро инчунин бо кадом истилоҳ низ ном мебаранд?**

$A) амалигардонии ҳисоббаробаркунӣ;
$B) амалигардонии кор;
$C) амалигардонии хизмат;
$D) амалигардонии пул;
$E) амалигардонии ҳуқуқ;

@14

**Ҳисоббаробаркунӣ – амале, ки барои иҷрои пардохт равона гардидааст ва тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Ба чунин хулоса ҳангоми таҳлил намудани кадом моддаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадан мумкин аст?**

$A) моддаи 886;
$B) моддаи 890;
$C) моддаи 900;
$D) моддаи 895;
$E) моддаи 905;

@15

**Ҳисоббаробаркунӣ байни шаҳрвандон ва ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандон дар кадом қисми моддаи 886-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст?**

$A) қисми 1;
$B) қисми 2;

$C) қисми 3;
$D) қисми 4;
$E) қисми 5;

**@16**
**Ҳисоббаробаркунӣ байни ашхоси ҳуқуқӣ дар кадом қисми моддаи 886-и Кодекси граждании ҶТ омадааст?**
$A) қисми 2;
$B) қисми 3;
$C) қисми 4;
$D) қисми 5;
$E) қисми 6;

**@17**
**Ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ тавассути чӣ анҷом дода мешавад?**
$A) бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ;
$B) ломбардҳо;
$C) нотариатҳо;
$D) вазоратҳо;
$E) кумитаҳо;

**@18**
**Ҳисоббаробаркуниҳо мутобиқи қонунгузорӣ мумкин аст, ки дар як вақт бо гирифтани ягон __________ иҷро карда шавад?**
$A) неъмати моддӣ;
$B) дониш;
$C) илм;
$D) маданият;
$E) фарҳанг;

**@19**
**Дар ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони ҳуқуқӣ бояд субъекти иловагии дигар, яъне___________ ҷалб карда мешавад?**
$A) ташкилоти қарзӣ (кредитӣ);
$B) нотариат;
$C) суд;
$D) прокуратура;
$E) вазорат;

**@20**
**Дар асоси муносибатҳои молу мулкии мавҷуда, ки аз шартномаи ҳуқуқи гражданӣ бармеояд, муносибатҳои молу мулкии нав, яъне _____________ ба вуҷуд меоянд?**
$A) ҳисоббаробаркуниҳо;

$B) харид;
$C) фурӯш;
$D) иҷора;
$E) маҳсулотсупорӣ;

**@21**
**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ инчунин муносибатҳое, ки байни __________ ҳангоми пардохт ва ҷамъоварии андоз ба буҷети сатҳҳои гуногун ва фондҳои ғайрибуҷетӣ (фонди нафақа, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ) ба вуҷуд меоянд, низ ҳисобида мешаванд?**
$A) андозсупоранда ва мақомоти андоз;
$B) шахсони воқеӣ;
$C) шахсони ҳуқуқӣ;
$D) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
$E) соҳибкорони инфиродӣ;

**@22**
**Асоси тамоми муносибатҳои ҳуқуқиро дар бахши ҳисоббаробаркунӣ __________ташкил медиҳанд?**
$A) уҳдадориҳои пулӣ;
$B) амалҳо;
$C) ҳуқуқҳо;
$D) андешаҳо;
$E) хизматҳо;

**@23**
**Ҳисоббаробаркунӣ дорои чанд хусусият мебошад?**
$A) 3;
$B) 4;
$C) 5;
$D) 6;
$E) 7;

**@24**
**Тамоми муноситабҳо дар бахши ҳисоббаробаркуниро ба чанд маҳаки асосӣ вобаста медонанд?**
$A) 2;
$B) 3;
$C) 4;
$D) 5;
$E) 6;

**@25**

**Ҳисоббаробаркунии нақдӣ – ин ба анҷом расонидани амалиёт аз ҷониби мизоҷ ва ё ташкилоти кредитӣ бо __________ ба ҳисоб меравад?**
$А) пули нақд;
$В) тилло;
$С) оҳан;
$D) мис;
$Е) нуқра;

**@26**
**Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ – ан амалиёти субъектони ҳисоббаробаркунӣ дар асоси шартномаи __________ бо меъёри маблағи пулии бо қонунгузорӣ пешбинишуда ва ё иштироки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар амалиёти ба фаъолияти соҳибкорӣ вобастабуда мебошад?**
$А) суратҳисоби бонкӣ ва ё суратҳисоби корреспондентӣ;
$В) хариду фурӯш;
$С) қарз;
$D) иҷора;
$Е) кредит;

**@27**
**Чанд шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфтаанд?**
$А) 4;
$В) 5;
$С) 6;
$D) 7;
$Е) 8;

**@28**
**Шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ?**
$А) дар асоси супориши пардохт; дар асоси аккредитив, тибқи инкассо; дар асоси чек;
$В) дар асоси шартномаи қарз;
$С) дар асоси шартномаи кредит;
$D дар асоси шартномаи иҷора;
$Е) дар асоси шартномаи ҳадя;

**@29**
**Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи қоидаи умумӣ байни чанд субъект амалӣ карда мешавад?**
$А) 2;
$В) 3;
$С) 4;
$D) 5;

$E) 6;

**@30**
**Ҳисоббаробаркунӣ дар баъзе ҳолатҳои дигар байни чанд субъект амалӣ карда мешавад?**
$A) 3;
$B) 4;
$C) 5;
$D) 6;
$E) 7;

**@31**
**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ муносибатҳои __________ мебошанд?**
$A) объективӣ;
$B) ашёӣ;
$C) пулӣ;
$D) умумӣ;
$E) оддӣ;

**@ 32**
**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар асоси кадом муносибатҳо ба вуҷуд меоянд?**
$A) молу мулкӣ;
$B) ашёӣ;
$C) пулӣ;
$D) оддӣ;
$E) аосӣ;

**@ 33**
**Тамоми муносибатҳои ҳисоббаробаркуниро дар чанд маҳаки асосӣ ифода мекунанд?**
$A) 2;
$B) 3;
$C) 4;
$D) 5;
$E) 6;

**@ 34**
**Ба ҳайси муносибатҳои шартии ҳисоббаробаркунӣ кадом муносибатҳо дохил мешаванд?**
$A) молумулкӣ, қарзӣ, шартномаи суратҳисоби бонкӣ, амалиёт оид ба фурӯши асъори хориҷӣ ва ғайраҳо;
$B) ҷиноятӣ;
$C) маъмурӣ;
$D) оилавӣ;

$E) мурофиаи ҷиноятӣ;

**@ 35**

**Ҳисоббаробаркунии нақдӣ ин ҳисоббаробаркунӣ __________ ?**

$A) тавассути пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;
$B) тавассути тилло;
$C) тавассути нуқра;
$D) тавассути оҳан;
$E) тавассути алюминий;

**@ 36**

**Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин ҳисоббаробаркунӣ ?**

$A) ба воситаи интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои бонкӣ;
$B) ба воситаи шартномаи граждании;
$C) ба воситаи шартномаи меҳнатӣ;
$D) ба воситаи шартномаи соҳибкорӣ;
$E) ба воситаи шартномаи тиҷоратӣ;

**@ 37**

**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки тавассути __________ ба танзим даровара мешаванд?**

$A) меъёрҳои ҳуқуқӣ;
$B) одат;
$C) анъана;
$D) маросим;
$E) одоб;

**@ 38**

**Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дорои кадом хислат мебошанд?**

$A) расмиётӣ;
$B) ашёӣ;
$C) пулӣ;
$D) молӣ;
$E) махсус;

**@ 39**

**Оиди амалӣ намудани пардохтҳои байнибонкӣ кадом бонк метавонад хизмат расонад?**

$A) Бонки миллии Тоҷикистон;
$B) Амонатбонк;
$C) Бонки Эсхата;
$D) Фононбонк;
$E) Спитаменбонк;

**@ 40**
**Бонки миллии Тоҷикистон метавонад барои ташкили низоми __________ ва дигар шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ мувофиқи санадҳои меъёрии қабулкардааш мусоидат намояд?**
$A) клиринги байнибонкӣ;
$B) парабонкӣ;
$C) махсуси бонкӣ;
$D) оддии бонкӣ;
$E) умумии бонкӣ;

**@ 41**
**Бонки миллии Тоҷикистон барои мӯҳлатҳои коркарди пардохтҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад. Дар сурати бо айби он зиёда аз мғҳлати пешбинишуда таъхир ёфтани пардохт Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор аст барои ҳар рӯзи таъхирёфта назар ба меъёри фоизи ҷорӣ чанд баробар зиёд фоиз диҳад?**
$A) 2;
$B) 3;
$C) 4;
$D) 5;
$E) 6;

**@ 42**
**Яке аз категорияҳои муҳими муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ чӣ ба ҳисоб меравад?**
$A) ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ;
$B) шартномаҳо;
$C) қарзҳо;
$D) пулҳо;
$E) дороиҳо;

**@ 43**
**Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ба кадом маъноҳо фаҳмида мешаванд;?**
$A) васеъ ва маҳдуд;
$B) оддӣ;
$C)  сохта;
$D) умумӣ;
$E) махсус;

**@ 44**
**Ба маънои васеъ ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ин яъне?**
$A) ҳуҷҷатҳо барои интиқол;

$B) барои тӯҳфа;
$C) барои қарз;
$D) барои иҷора;
$E) барои хизмат;

**@ 45**
**Ба маънои маҳдуд бошад ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки барои __________ ҷиҳати хизматрасонии бонкӣ тавассути интиқоли воситаҳо аз суратҳисоби пардохткунанда ба қабулкунанда истифода мегардад?**
$A) пардохт намудан;
$B) супоридан;
$C) тӯҳфа;
$D) иҷора;
$E) қарз;

**@ 46**
**Танзими ҳуқуқии хизматрасонии бонкӣ дар асоси кадом қонун ба роҳ монда мешавад?**
$A) Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ";
$B) Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф";
$C) Қонуни ҶТ "Дар бораи авф";
$D) Қонуни ҶТ "Дар бораи туризм";
$E) Қонуни ҶТ "Дар бораи фарҳанг";

**@ 47**
**Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" кай қабул карда шудааст?**
$A) 12.05.2009;
$B) 12.05.2011;
$C) 12.05.2012;
$D) 12.05.2013;
$E) 12.05.2014;

**@ 48**
**Хизматрасонии бонкӣ чист?**
$A) Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст;
$B) Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби шахсони воқеӣ амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст;
$C) Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст;
$D) Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби суд амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст;

$E) Хизматрасонии бонкӣ ин аз ҷониби прокуратура амалӣ намудани амалиёти бонкӣ аст;

**@ 49**
**Амалиётҳои бонкӣ дар кадом моддаи Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" тасниф карда шудаанд?**
$A) моддаи 3;
$B) моддаи 10;
$C) моддаи 9;
$D) моддаи 7;
$E) моддаи 13;

**@ 50**
**Амонат чист?**
$A) маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд;
$B) пуле, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд;
$C) моле, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд;
$D) ҳуқуқе, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд;
$E) уҳдадорие, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супурда шудаанд;

**@ 51**
**Пасандоз чист?**
$A) маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
$B) маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба шахс вогузор шудааст;
$C) маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба инсон вогузор шудааст;
$D) маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба суд вогузор шудааст;
$E) маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба нотариат вогузор шудааст;

**@ 52**
**Намудҳои қарзҳоро нишон диҳед?**
$A) истеъмолӣ, ипотекӣ, ва байнибонкӣ;
$B) умумӣ ва махсус;
$C) асосӣ ва иловагӣ;
$D) оддӣ ва яктарафа;
$E) дутарафа ва муайян;

**@ 53**

**Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" амалиётҳои бонкӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо карда шудаанд?**
$A) 12;
$B) 15;
$C) 19;
$D) 23;
$E) 32;

**@ 54**
**Амалиёти кассавӣ чист?**
$A) қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;
$B) миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
$C) додани кафолат;
$D) хизматрасонии фосилавии бонкӣ;
$E) баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ;

**@ 55**
**Амалиёти сейфӣ чист?**
$A) нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);
$B) хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта;
$C) қабул намудан ва аз нав ҳисоб кардани пулҳои қоғазӣ;
$D) қабул намудан инкассатсия;
$E) фиристодани пулҳои коғазӣ;

**@56**
**Хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта чист?**
$A) идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он;
$B) бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;
$C) амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо;
$D) баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ;
$E) хариду фурӯши воситаҳо;

**@57**
**Амалиёти додани кафолат?**
$A) баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;
$B) ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ;
$C) миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
$D) нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо;
$E) идоракунии маблағҳои пулӣ;

**@58**

**Амалиёти инкассатсия?**
$A) қабул намудан инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қимматбаҳо;
$B) идоракунии маблағҳои пулӣ;
$C) нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо;
$D) миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
$E) баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ;

**@59**
**Хизматрасониҳои бонкӣ ба чанд категория ҷудо мешаванд?**
$A) 3;
$B) 4;
$C) 9;
$D) 8;
$E) 12;

**@60**
**Хизматрасонии бонкӣ барои шахсони воқеӣ дорои чанд зергурӯҳ аст?**
$A) 9;
$B) 13;
$C) 16;
$D) 20;
$E) 25;

**@61**
**Хизматрасонии бонкӣ барои ташкилот ва шахсони ҳуқуқӣ дорои чанд зергурӯҳ аст?**
$A) 9;
$B) 18;
$C) 10;
$D) 16;
$E) 19;

**@62**
**Ба хизматрасонии бонкӣ барои бонкҳо чанд намуди хизматрасониҳо дохил мешаванд?**
$A) 7;
$B) 18;
$C) 12;
$D) 15;
$E) 20;

**@63**
**Ба намудҳои махсуси хизматрасонии бонкӣ чанд намуди амалиётҳо дохил мешаванд?**

$A) 3;
$B) 7;
$C) 9;
$D) 13;
$E) 17;

**@64**
**Суратҳисоби бонкӣ – суратҳисобе мебошад, ки аз ҷониби бонк барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушода шуда, ҷиҳати иштироки онҳо дар муомилоти __________ ва нигоҳдории маблағҳои пулӣ бо мақсади истифодабарии мақсаднок равона гардидааст?**
$A) пулии ғайринақдӣ;
$B) ашёӣ;
$C) молӣ;
$D) ҷиноӣ;
$E) оилавӣ;

**@65**
**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 чанд номгӯи суратҳисобҳои бонкӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд?**
$A) 20;
$B) 29;
$C) 24;
$D) 30;
$E) 32;

**@66**
**Ҳар як суратҳисоб дорои чӣ мебошад?**
$A) рақами мушаххас;
$B) аломат;
$C) ном;
$D) насаб;
$E) арзиш;

**@67**
**Ҳар як рақами суратҳисоби бонкӣ ифодакунандаи чӣ мебошад?**
$A) ному насаби мизоҷ, намуди суратҳисоб, хусусиятҳои интиқолии маблағ ва ҳисоббаробаркунӣ;
$B) мавқеи бонк;
$C) роҳбари бонк;
$D) кормандони бонк;
$E) муассисони бонк;

**@68**
**Рақами суратҳисоби бонкиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?**

$A) 5;
$B) 9;
$C) 19;
$D) 12;
$E) 15;

**@69**
**Гурӯҳи якуми суратҳисобҳои бонкӣ аз чанд фасл иборат аст?**
$A) 5 фасл;
$B) 8 фасл;
$C) 7 фасл;
$D) 10 фасл;
$E) 13 фасл;

**@70**
**Гурӯҳи дуюми суратҳисобҳои бонкӣ аз чанд нишона иборатанд?**
$A) 3 нишона;
$B) 9 нишона;
$C) 4 нишона;
$D) 6 нишона;
$E) 8 нишона;

**@71**
**Суратҳисоби хусусӣ барои ғайрирезидентҳо дар давоми чанд рӯз хизмат менамояд?**
$A) 181 рӯз;
$B) 192 рӯз;
$C) 197 рӯз;
$D) 200 рӯз;
$E) 210 рӯз;

**@72**
**Гурӯҳи сеюми суратҳисобҳои бонкӣ аз чӣ иборатанд?**
$A) 1 нишона;
$B) 3 нишона;
$C) 4 нишона;
$D) 10 нишона;
$E) 12 нишона;

**@73**
**Гурӯҳи чоруми суратҳисобҳои бонкӣ аз чанд фасл иборат мебошанд?**
$A) 4 фасл;
$B) 6 фасл;
$C) 7 фасл;
$D) 9 фасл;

$E) 15 фасл;

**@74**
**Гурӯҳи панҷуми суратҳисобҳои бонкӣ аз чанд рақам иборат мебошанд?**
$A) 7 рақам;
$B) 12 рақам;
$C) 15 рақам;
$D) 20 рақам;
$E) 22 рақам;

**@75**
**Барои кушодани суратҳисоб дар бонк аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ кадом ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда мешаванд?**
$A) ариза тибқи намунаи муқаррарнамудаи бонк; шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ; ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба монанди нусхаи оиннома, шартнома ва суратмаҷлиси муассисон бо мақсади таъсиси шахси ҳуқуқӣ; бонки намунавӣ бо дарҷи мӯҳр ва имзои роҳбари ташкилот, ки аз ҷониби нотариат тасдиқ шудааст; маълумотнома аз мақомоти андоз дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда; маълумотнома аз Агентии давлатии суғуртаи нафақа; маълумотнома аз Агентии омор;
$B) шаҳодатномаи таваллуд;
$C) дафтарчаи меҳнатӣ;
$D) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият;
$E) диплом;
**@76**
**Барои кушодани суратҳисоби бонкӣ байни мизоҷ ва бонк шартнома ба имзо расонида мешавад, аммо маҳдудият ҷиҳати бастани шартнома танҳо бо ___________ бонк ҷой надорад?**
$A) 1;
$B) 4;
$C) 6;
$D) 8;
$E) 5;

**@77**
**Як шахси ҳуқуқӣ метавонад дар чанд бонк суратҳисоб кушояд?**
$A) як ё якчанд;
$B) ду;
$C) панҷ;
$D) ҳафт;
$E) ҳашт;

**@78**

**Шартҳои ҳамкорӣ бо бонкро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?**
$A) 4;
$B) 8;
$C) 5;
$D) 7;
$E)  9;

**@79**
**Суратҳисоби бонкие, ки соҳибаш дар давоми ____________ соли охир ба он ягон хел таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст, ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ, суратҳисоби ғайрифаъол дониста шуда, маблағи он бо риояи қоидаҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда нигоҳ дошта мешавад?**
$A) 10;
$B) 15;
$C) 18;
$D) 19;
$E) 20;

**@80**
